Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

2 декабри соли 2015, чоршанбе, №49 (1028)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

## Эмомалӣ РАҲМОН:

# ТОҶИКИСТОН БА ТАШАККУЛИ «ИҚТИСОДИ САБЗ» МУСОИДАТ МЕНАМОЯД

**29 ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Конфронси 21-уми тарафҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим ба Ҷумҳурии Франсия сафар кард. Конфронс 30 ноябр ба кораш оғоз бахшида то 11 декабр идома меёбад. Дар кори конфронс сарони беш аз яксаду панҷоҳ давлати олам иштирок доранд.**




**ПРЕЗИДЕНТИ** Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва дигар сарони давлатҳо, роҳбарони ташкилоту созмонҳои байналмилалии иштирокчии конфронсро Президенти Ҷумҳурии Франсия Франсуа Олланд истиқбол гирифт.

Ба рӯзномаи кори конфронс баррасии масъалаҳои болоравии меъёри ҳарорат, коҳиш додани ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ, расондани кӯмак ба кишварҳои ру ба рушд ва дигар мушкилоти иқлим ворид карда шудааст.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш изҳор дошт, ки нишасти навбатӣ идомаи талошҳои пайгиронаи кишварҳои мо дар самти ташаккули низоми муносибати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи афзоиши минбаъдаи партовҳои гулхонаӣ бо мақсади пешгирӣ аз он, андешидани чораҳо барои коҳиш додани раванди гармшавии иқлим ва пайомадҳои манфии тағйири он мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи миллии худро дар ҷавоб ба даъвати Созмони Милали Муттаҳид оид ба муқаррароти созишномаи Париж дар робита ба нигаҳдории ҳарорати миёнаи сайёра баён намуда, дар ин раванд дар доираи Гурӯҳи кории Дурбан ҳамкории дахлдорро ба анҷом расонид.

саҳ. 2

## ОИЛА МАРЗИ МУҲАББАТ, НА ҶОЙИ ХУШУНАТ

саҳ. 7

## МУШКИЛОТЕ, КИ БА ГЕНОФОНДИ МИЛЛӢ ТАЪСИР МЕРАСОНАД



саҳ. 8

## ТАВБАФАРМОЁН ҶАРО ХУД ТАВБА КАМТАР МЕКУНАНД?

саҳ. 13

Минбари халқ
2 декабри соли 2015,
№49 (1028)

## Эмомалӣ РАҲМОН:

# ТОҶИКИСТОН БА ТАШАККУЛИ «ИҚТИСОДИ САБЗ» МУСОИДАТ МЕНАМОЯД

*саҳ. 1*

Эмомалӣ Раҳмон зикр кард, ки **"ҳарчанд ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ ба муҳит дар миқёси олам ночиз мебошад, аммо кишвари мо дар масъалаи тағйирёбии иқлим яке аз давлатҳои осебпазир ба ҳисоб меравад ва соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон бо пайомадҳои манфии вобаста ба тағйири иқлим рӯ ба рӯ гардидаанд".**

Дар идомаи сухан тазаккур дода шуд, ки 93 фоизи қаламрави Тоҷикистон кӯҳсор аст ва ин кӯҳистон яке аз манбаъҳои асосии оби Осиёи Марказӣ мебошад, зеро 60% оби минтақа аз пиряхҳои ин ҷо сарчашма мегирад. Дар ин бора Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла таъкид дошт: **"Обшавии босуръати пиряхҳо бар асари тағйири иқлим ба раванди таъмини шароити мусоиди зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи захираҳои об таҳдиди ҷиддӣ дорад. Гуфтан кофист, ки аз 14 ҳазор пиряхҳои Тоҷикистон, ки барои тамоми минтақа аҳамияти ҳаётӣ доранд, дар давоми 30 соли охир беш аз 1000 пирях ба нобудӣ расидааст".**

Ба иттилои Эмомалӣ Раҳмон ҷараёни босуръати обшавии пиряхҳо дар натиҷаи баланд шудани ҳарорати ҳаво боиси афзоиши бесобиқаи офатҳои табиӣ ва таназзули экосистемаи обӣ гардидааст. Ин падида ҳар сол сабабгори хароб гаштани иншооти зиёди иқтисоди миллӣ ва хисороти бузурги моддӣ ба аҳолӣ мегардад.

Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуд, ки **"танҳо тобистони соли равон бар асари офатҳои табиии вобаста ба об ба аҳолии Тоҷикистон ва иқтисодиёти мамлакат ба садҳо миллион доллари амрикоӣ зарари моддӣ расид. Мутаассифона, ин ҳодисаҳо боиси талафоти зиёди ҷонӣ низ гардиданд".**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори нигаронӣ кард, ки **"ҳолати кунунии муҳити зист дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ ба сабаби афзоиши тадриҷии аҳолӣ, талаботи рӯзафзуни рушди саноат, густариши пайвастаи масоҳати заминҳои обӣ, фарсуда гардидани шабакаҳои обёрӣ, истифодаи ғайрисамараноки захираҳои об ва нокифоя будани имкониятҳо барои пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири офатҳои табиӣ метавонад бештар осебпазир гардад".**

Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки **"Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ аз пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба он то имрӯз барои такмили қонунгузорӣ, сиёсати давлатӣ ва иҷрои тавсияҳои ҳамоишҳои тарафҳои Конвенсия тадбирҳои амалӣ андешида, бо шарикони байналмилалии худ дар ин росто фаъолона ҳамкорӣ менамояд. Тоҷикистон дар ҷараёни таҳияи тарҳи созишномаи нав оид ба тағйирёбии иқлим бо котиботи Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйири иқлим ҳамкории фаъол дорад. Кишвари мо Гузориши сеюми миллии худро ба котиботи Конвенсия ҳанӯз соли 2014 пешниҳод карда буд. Инчунин Стратегияи миллии кишвар оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим таҳия мегардад, ки қабули он дар аввали соли 2016 пешбинӣ шудааст".**

**"Кишвари мо,** -изҳор дошт Эмомалӣ Раҳмон, **- ба истифодаи пурсамари манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, алалхусус гидроэнергетика, ки ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, мутобиқшавии аҳолӣ ба тағйирёбии иқлим ва ташаккули "иқтисоди сабз" мусоидат менамояд, таваҷҷуҳи хос медиҳад. Ҳамзамон бо ин, бунёди иншооти гидроэнергетикӣ ба коҳиши хавфи офатҳои табиии вобаста ба об бештар мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, рушди соҳаи гидроэнергетика аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад".**

Дар идомаи суханронӣ таъкид гардид, ки ба ин мақсад, Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалии худ таъмир, навсозӣ ва сохтмони нерӯгоҳҳои обиро идома дода, барои рушди шабакаҳои интиқоли барқ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам ба мақсади пайвастан бо дигар кишварҳои минтақа чораҳои амалӣ меандешад.

Бо дарназардошти аҳамияти ҷаҳонии рушди энергияи таҷдидшаванда Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ, бо истифода аз захираҳои фаровони обии худ, ба роҳ мондани ҳамкории шаффофи минтақавӣ ва байналмилалиро бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди устувори энергияи муосир омили муҳими мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим меҳисобад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори умедворӣ намуд, ки **"бино бар аҳамияти маблағгузорӣ дар раванди тағйири иқлим, ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди гидроэнергетика дар Тоҷикистон ва ташаккули шароити мусоиди табодули энергияи таҷдидшаванда миёни кишварҳо метавонад ба пастшавии сатҳи партови газҳои гулхонаӣ дар минтақа мусоидат намояд".**

**"Дар ин замина, Тоҷикистон ба муваффақияти Фонди Иқлими Сабз барои кумак дар мубориза бо тағйирёбии иқлим, Фонди мутобиқшавӣ ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар ин самт манфиатдор аст",** - таъкид дошт Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба истифодаи пурсамари захираҳои об, ки дар раванди тағйири иқлим бештар осебпазир мебошанд, ҳарф зада, бори дигар аз пешниҳоди худ, ки аз минбари СММ садо дода буд, ёдовар гашт ва изҳор дошт: **"Имкониятҳои хуби ҳамкорӣ дар ростои истифодаи ҳадафманди захираҳои об метавонад дар доираи эълони даҳсолаи нав таҳти унвони "Об барои рушди устувор", ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, фароҳам ояд. Тасмимҳои ин Конфронс ва тадбирҳои даҳсолаи нави байналмилалӣ метавонанд дар амри дастрасӣ ба ҳадафҳои муштарак барои нигаҳдории иқлим, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор дар сурати ба роҳ мондани тадбирҳои ҳамоҳангшуда мусоидат намоянд".**

Сарвари давлати Тоҷикистон бо истифода аз ин фурсати муносиб бори дигар таъкид намуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мақсади ба роҳ мондани ҳамкории фарогир ва дастаҷамъона барои коҳиши партови газҳои гулхонаӣ ба муҳит ва мутобиқшавӣ ба тағйири иқлим ба санади дахлдори мавриди эътирофи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ниёз дорад.

Сарвари давлати Тоҷикистон ба боздоштани таназзули минбаъдаи муҳити зист дар ҳавзаи баҳри Арал таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, таъкид дошт, ки **"ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ва заминҳои кишт ва таъмини устувории муҳити зист амалӣ намудани чораҳои таъхирнопазирро талаб менамояд".**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъбасти суханронии худ изҳори умедворӣ кард, ки давлатҳои пешрафта, сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои дигари байналмилалӣ ва минтақавӣ ва ниҳодҳои бонуфузи молиявӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳими мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва паст кардани шиддати он ҳамкории худро минбаъд низ дареғ намедоранд ва дар шароити имрӯзаи глобалӣ ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда дар самти кам кардани оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим аз ҳамаи мо талошҳои ҳарчи бештари дастаҷамъона, андешидани тадбирҳои фаврӣ ва дарозмуҳлатро тақозо дорад.

# *МУЛОҚОТИ СУДМАНД*

**Дар чаҳорчӯбаи сафар Сардори давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон як қатор мулоқотҳои судманд анҷом дод.**



**Аз ҷумла шоми 29 ноябр дар шаҳри Париж Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ноиби Раиси ширкати "Аэробус" (Airbus) Силвер Дэлонэро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот оид ба имкони рушди ҳамкориҳои судманд дар соҳаи нақлиёт табодули андеша карда шуд.

Тавре маълум аст ширкати фаронсавии "Аэробус" тайёраҳо ва чархболҳои гуногуни мусофирбар, боркаш ва ҳарбӣ истеҳсол менамояд.

***

**Ҳамчунин мулоқоти Роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Ноиби аввали Президенти ширкати Тотал Майкл Боррел хотирмон буд.**

Президенти Ҷумҳурии Точикистон дар оғози суҳбат оид ба имкони фарохи ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ва ширкатҳои хориҷӣ дар самти ба роҳ мондани корҳои геологию ҷустуҷӯӣ ва истихроҷу коркарди нафту газ ва содироти захираҳои он ибрози андеша кард.

Ҷонибҳо бо дарназардошти имкониятҳои мазкур таъкид намуданд, ки ҳамаи ин тадбирҳо боиси натиҷаҳои мушаххас дар рушди бахши нафту гази Тоҷикистон хоҳад шуд.

Инчунин оид ба имкониятҳои дигари сармоягузорӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон ва татбиқи лоиҳаҳои ояндадори Тоҷикистон, аз ҷумла дар бахшҳои саноат, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истеҳсол ва коркарду содироти маҳсулот таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид.

***

**Зимни мулоқот бо Сарвазири Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир Абдулмалик Саллол оид ба дурнамои ҳамкориҳои ду кишвари ба ҳам дӯст гуфтугӯи самимӣ анҷом дода шуд.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат изҳор дошт, ки *"мардумони шарифи кишварҳои қадимаи моро робитаҳои хеле амиқи таърихиву фарҳангӣ ва дини муштарак мепайванданд".*

*"Мо низ ҳавасманди ҳамкориҳои хуб бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастем ва кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки дар самти иқтисоду фарҳанг ва энергетика ҳамкорӣ дошта бошем",* -изҳор дошт дар ҷараёни суҳбат Абдулмалик Саллол.

Дар мулоқот доир ба ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноат, тиҷорати минтақавию байниминтақавӣ, ташкили корхонаҳои муштарак ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулот аз меваву сабзавот, истихроҷи газу нафт ва бунёди корхонаҳои коркарди нафт гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

Изҳори умед карда шуд, ки минбаъд ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, илм ва фарҳанг низ ба роҳ монда мешаванд.

**Субҳи 1 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пас аз иштирок дар Конфронси 21-уми тарафҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйири иқлим аз Франсия ба шаҳри Брюссели Шоҳигарии Белгия ташриф овард.**

# САФАРИ КОРИИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ БА БРЮССЕЛ



**Ҳамон рӯз дар доираи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Намояндаи Олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати амниятӣ хонум Федерика Могеринӣ мулоқот кард.**

Дар ҷараёни мулоқот масоили рушду густариши муносибатҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуд.

"Тоҷикистон хоҳони ҳамкориҳои пойдору дарозмуддат ва мутақобилан судманд бо Иттиҳоди Аврупо мебошад", - изҳор дошт дар оғози суҳбат Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо фаъолияту ҳамкории механизмҳои муҳими Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Шӯро, Кумитаи ҳамкорӣ, Кумитаи робитаҳои байнипарлумонӣ ва Муколама байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсонро барои густариши муносибатҳо амри зарурӣ шумурданд.

Аз фаъолияти муассири Муколамаи сатҳи баланди Иттиҳоди Аврупо-Осиёи Марказӣ оид ба амният, мубориза бо терроризм, ифротгароии динӣ, радикализм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар таҳдиду чолишҳои муосир изҳори қаноат карда шуд.

Дар суҳбат инчунин доир ба имкони ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодӣ, энергетика, равандҳои демократикунонии ҷомеа, таъмини амнияти минтақа, вазъи Афғонистон ва дигар мавзуъҳои ҳамкорӣ гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

**Нимаи дуюми рӯзи 1 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Шӯрои Иттиҳоди Аврупо Доналд Туск мулоқот кард.**



Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуданд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат иброз дошт, ки "Тоҷикистон дар таҳкими робитаҳо бо Иттиҳоди Аврупо, ниҳодҳои гуногуни он ва тамоми кишварҳои узви ин ниҳод манфиатдор аст ва мо Иттиҳоди Аврупоро ҳамчун шарики муҳим ва боэътимоди хеш дар арсаи байналмилалӣ мешуморем".

Ҷонибҳо аз рушди мунтазами муносибатҳои тарафайн дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, гуманитарию фарҳангӣ ва амниятӣ, тандурустӣ, маориф ва рушди деҳот, қонунгузорӣ ва пойдории демократия изҳори қаноатмандӣ карданд.

Вобаста ба беҳтар намудани сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар Афғонистон ва беҳтар гардидани вазъи амниятӣ ва субот дар ин кишвар, амалӣ намудани лоиҳаю барномаҳои аҳамияти минтақавӣ дошта мисли сохтмони роҳҳои мошингард ва оҳан, кашидани хатҳои барқ, сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикӣ ва бунёди корхонаҳои пуриқтидор дар ҳудуди Тоҷикистон, ки ба манфиати тамоми мардуми минтақа аст амри зарурӣ дониста шуд.

**Ҳамон рӯз дар ҷараёни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Комиссияи Аврупо Жан Клод Юнкер масоили рушди муносиботи ҳамкории Тоҷикистону Комиссияи Аврупо баррасӣ гардид.**

"Тоҷикистон ба рушду тавсеаи ҳамкориҳои бисёрҷабҳа бо Иттиҳоди Аврупо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд ва робитаҳои устувори дӯстонаро бо Иттиҳоди Аврупо яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии худ меҳисобад ", -изҳор дошт дар оғози суҳбат Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо аз рушди мунтазами муносибатҳои фарогири доираи васеи робитаҳои судманд дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, гуманитарию фарҳангӣ ва сиёсию амниятӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Ҷонибҳо фаъолияти механизмҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла зарурати тавсеаи Барномаи Иттиҳоди Аврупо барои идоракунии сарҳадот дар Осиёи Марказӣ (БОМКА) ва назорат аз болои маводи мухаддирро (КАДАП) воситаи хуби таҳкими муносиботи ҳамкорӣ арзёбӣ карданд.

Ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи энергетика, бунёди як қатор нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва хатҳои интиқоли барқ аз ҷумлаи тарҳи КАСА-1000, татбиқи лоиҳаҳои калон миқёси нақлиётию энергетикӣ, ки ба пайвастани шабакаҳои минтақавии барқӣ ва боркашонии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ нигаронида шудаанд, мавриди таваҷҷуҳи хоси ҳамсуҳбатон буд.

**Шоми 1 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Ноиби Президенти Бонки аврупоии сармоягузорӣ Вилҳелм Молтерер мулоқот кард.**

Дар мулоқот масоили рушди ҳамкории Тоҷикистон бо ин бонки сармоягузории аврупоӣ баррасӣ шуд.

"Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки аврупоии сармоягузорро шарики боэътимоди худ медонад ва омода аст, ки сатҳи ҳамкориҳоро боло бибарад", -изҳор дошт Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориро вобаста ба рушди соҳаҳои энергетика, нақлиёт, обёрӣ, маориф, тандурустӣ, фаъолияти бонкӣ, ҳифзи муҳити зист ва ҷалби сармояи Бонки аврупоии сармоягузориро дар соҳаҳои ҷустуҷӯ, истеҳсол ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баррасӣ карданд.

Дар мулоқот инчунин доир ба иштироки бонки мазкур дар татбиқи лоиҳаҳои зербиноии минтақавӣ доир ба бунёди роҳҳои оҳану мошингард, нерӯгоҳҳои барқӣ ва хатҳои интиқоли нерӯи барқ, аз ҷумла лоиҳаи хатти баландшиддати барқии КАСА-1000 барои интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба Афғонистону Покистон, гуфтугӯ сурат гирифт.

*www.president.tj*

# ПЕШВОИ МИЛЛӢ

## БУДАНИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН РИСОЛАТИ ӮСТ

**Пешвои миллӣ будани Эмомалӣ Раҳмон як мансаб ё як унвон нест, балки он як ҷойгоҳ аст, як нақш ва як рисолати таърихиест, ки ӯ дар пешгоҳи Ватану миллат ва дар шоҳидии тамоми мардум ба он сазовор гардидааст. Пас, пешвои миллӣ будани ӯ мавзӯи савол ва баҳс нест, балки он як воқеияти таърихӣ ва як ҳолати комилан табиист.**

**ТЕХНОЛОГИЯИ** муосири сиёсӣ қудрати онро дорад, ки бо шеваҳои гуногуни шахсиятсозию шахсиятсӯзӣ, шахсеро дар чашми мардум бузург ё хурд ҷилва диҳад. Аммо таҷрибаи рӯзгор нишон додааст, ки чеҳраҳои сунъии таблиғотию расонаӣ бо гузашти андак замоне аз байн мераванд ва дар бекарони таърих нопадид мегарданд. Аммо, баръакси ин, чеҳраҳои табиӣ ва пешвоёни воқеии мардум ба бахши унсурии ҳастии миллату давлат табдил шуда, то абад ҳамчун арзиш, намуна ва қаҳрамон ҷовидона боқӣ мемонанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи роҳбароне нест, ки шахсияти сиёсии ӯ лаҳза ба лаҳза ва қадам ба қадам, дар пеши назари мардум, ҳамнафас бо ғаму шодии миллат ташаккул ёфта, ҷойгоҳи мардумии худро ба таври табиӣ дарёфтааст. Ҳамон гуна, ки аҳли як хонадон фарзанди худро, ки дар пеши чашмашон аз як навҷавони навқад ба як марди рашид табдил шудааст, дуруст мешиносанд ва бо тамоми сифоту сиришти ӯ ошноӣ доранд, Эмомалӣ Раҳмон низ дар оғуши ватану миллат ва дар сояи дуову дастгирии мардум сабзида, ба таври комилан табиӣ мавриди эътирофу эътибори мардуми худ қарор гирифтааст. Ин аст, ки чеҳраи ӯ чеҳраи табиӣ, шахсияти ӯ шахсияти воқеӣ ва хидматҳои ӯ хидматҳои бунёдӣ мебошанд.

Аммо барои расидан ба ин мақоми милливу таърихӣ, Роҳбари давлат роҳеро тай намуд, ки пур аз мушкилот, пур аз печу тоб, пур аз камину хатар, аммо пур аз ифтихор, пур аз муҳаббат ва пур аз комёбӣ буд. Ин аст, ки агар касе биxоҳад, то симо, шахсият ва ҷойгоҳи ӯро назди мардуми тоҷик дарк намояд, бояд пеш аз ҳама, роҳи паймудаи ӯ ва хидматҳои таърихии ӯро барои ин мардум дарк кунад. Таҳлили ҳамин роҳ ва дарки ҳамин дастовардҳо худ ба худ нишон медиҳанд, ки Эмомалӣ Раҳмон кист ва барои мардум ва давлати Тоҷикистон чӣ ҷойгоҳ ва чӣ арзише дорад. Зеро, имрӯз вақте дар бораи масири тайшуда ва дастовардҳои бунёдии Тоҷикистон дар марҳилаи пурпечутоби истиқлолият сухан меравад, бешубҳа симои ин шахсият пеши назар меояд.

> *Бо ин ҳадаф, бо супориши бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон симои як силсила абармардони таъриху фарҳанги миллат эҳё шуда, ҷашнҳои бошукӯҳи бузургдошти онҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ баргузор шуданд, ки Исмоили Сомонӣ, Имоми Аъзам Абӯҳанифа, Имом Бухорӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Имом Ғазолӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.*

Албатта, комёбиҳои ин миллат ва кишвар зери сарварии Эмомалӣ Раҳмон бисёр зиёданд, вале фақат дарк, муқоиса ва ҷамъбасти дастовардҳои усулӣ ва бунёдии ин марҳила кофист, то дарк шавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари пурталоши он чӣ масиреро тай карда ва чӣ дастовардҳои азимеро ноил шудаанд. Ва бо дарку ҷамъбасти ин дастовардҳои бунёдӣ метавон дарёфт, ки сабаби эҳтироми амиқ ва эътимоди устувори мардуми Тоҷикистон ба пешвои миллии худ дар чист.

Қадами нахуст ё асоситарин дастоварди давлат ва мардуми Тоҷикистон зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ин аст, бо тадбир ва талошҳои пайгиронаи ӯ давлатдории миллии тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт. Ин масъала муҳимтарин ва усулитарин дастоварди таърихи муосири мост, зеро бе доштани давлати миллии мустақили худ тамоми орзую омоли таърихии миллат ва тамоми ҳадафу барномаҳои насли имрӯзу фардои он маънои худро аз даст медод. Зеро баъди ҳазор сол таърих барои халқи тоҷик имкон фароҳам овард, ки бо номи худ давлати миллӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, агар дар он тӯфоне, ки солҳои аввали истиқлолият ба миён омада буд, давлатдории миллии мо аз даст мерафт, моро наслҳои оянда ҳаргиз намебахшиданд.

Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияте Сарвари давлати тоҷикон интихоб шуд, ки кишвар дар оташи ҷанг месӯхт ва ба гирдоби нобудӣ фурӯ мерафт. Аз ин хотир, баробари ба дӯш гирифтани масъулияти сарварии кишвар ӯ барномаи кории тайёршудае надошт, зеро вақте хонаи инсон оташ мегирад, дигар фурсати барномарезӣ нест. Яъне, дар чунин ҳолат барномаи аввалин хомӯш кардани оташ, наҷот додани хона ва аҳли хонавода мебошад. Дар он лаҳзаи ҳассоси таърихӣ барномаи роҳбарияти нави Тоҷикистон фақат як чиз буд: хомӯш кардани оташи ҷанг, наҷот додани давлат аз нобудӣ ва эмин доштани миллат аз парокандагию бадбахтӣ.

Хушбахтона, ин вазифаи таърихӣ иҷро гашта, давлатдории миллии тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт. Ва шояд фақат ҳалли ҳамин масъала барои чеҳраи мондагори таърихи халқи мо ва пешвои миллии мардуми мо донистани Эмомалӣ Раҳмон кофӣ бошад.

Дар қадами дуюм, талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари давлат боис гашт, ки тамомияти арзии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ягонаи мустақил ҳифз карда шавад. Ҳарчанд давлати нави мустақили тоҷикон ҳамагӣ дар як пораи кӯҳистонии сарзамини бузурги таърихии халқи тоҷик таъсис гаштааст, вале дар он рӯзҳо боз ҳам нақшаҳои тақсими ин давлат дар миён буд. Чунин тарҳҳоро на танҳо нерӯҳои хориҷӣ, балки баъзе аз сиёсатмадорон ва қувваҳои сиёсии дохилӣ низ ҷонибдорӣ намуда, дар ин самт қадамҳои амалӣ низ гузошта буданд.

Дар он рӯзҳо ҳатто пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе ҳамчун хонаи умеди тоҷикистониён моҳияти сиёсӣ ва рамзии худро қариб аз даст дода буд. Дар натиҷа, на танҳо мардуми одӣ ва донишҷӯён, балки зиёиёну фарҳангиёне, ки даҳҳо сол дар пойтахт зиндагӣ мекарданд, Душанберо ноумедона тарк намуда, ба маҳаллу зодгоҳи бобоии худ баргаштанд. Ҳамин тавр, хатари воқеии парокандагии Тоҷикистони ягона пеш омада буд.

Вале, хушбахтона, ба шарофати иродаи ҷиддии Эмомалӣ Раҳмон ин хатар бартараф гашта, ягонагии Тоҷикистон таъмин карда шуд. Ва ин дастоварди дигарест, ки номи ӯро дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон ҳамчун наҷотбахши давлат ва пешвои миллат ҷовидона мегардонад.

Ҳамчун дар қадами сеюм Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки дар муддати барои таърих бисёр кӯтоҳ низоми мукаммал ва муосири давлатдориро барқарор намуда, аркони давлатдории миллӣ ва ниҳодҳои асосии давлатдории моро эҳё намояд. Барои он ки вазъияти онрӯзаи давлатдории Тоҷикистонро дуруст ба ёд орем, аз гузориши раиси онвақтаи Шӯрои Олӣ Акбаршоҳ Искандаров дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ иқтибос меорем, ки гуфта буд: "Имрӯз дар кишвар органҳои конститутсионӣ амалан фалаҷ шудаанд… Агар ин вазъият идома ёбад, хатари он мавҷуд аст, ки Тоҷикистон аз харитаи ҷуғрофиёии ҷаҳон умуман нест шавад". Ин буд вазъияти воқеии кишвар дар рӯзҳои аввали ҳамчун роҳбари Тоҷикистон интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон.

Ҳоло бисёриҳо дар шароити орому осудаи имрӯза, даъвои вазирию кабирӣ ва раҳбарию сарварӣ доранд, вале дар он рӯзҳо, ки кишвар дар коми оташ месӯхт, иддае баояндаи Тоҷикистон бовар надошта, ҳатто ба вазифаи вазирӣ розӣ намешуданд… Вазифаи сарварии давлат ҳам ба чанд нафар аз шахсиятҳои мӯътабари кишвар ҳамон рӯзҳо пешниҳод шуда буд, вале ҳамаи онҳо аз тарси ҷони худ ин масъулиятро ба душ нагирифтанд. Дар он рӯзҳо на танҳо мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, балки дар аксарияти минтақаҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимият низ пурра фалаҷ гашта буданд, ки барқарорсозии онҳо кори осон набуд.

Ва, хушбахтона, Эмомалӣ Раҳмон дар кӯтоҳтарин замон тавонист, ки мақомоти конститутсионии давлатдориро барқарор намуда, ниҳодҳои фалаҷшударо эҳё намояд. Тайи ин муддат Тоҷикистони соҳибистиқлол соҳиби сохтори мукаммали идорӣ, ҳукумати коршоям, парлумони касбӣ, артиши миллӣ, ниҳодҳои босалоҳияти қудратию амниятӣ ва дигар рукну абзорҳои зарурии давлатдории худ гашт.

Дар ин масъала бояд гуфт, ки маҳз ташаккул ёфтани системаи давлатӣ ва ҳамчун механизми ягона ба кор даромадани низоми давлатдорӣ яке аз заруратҳо ва нишондиҳандаҳои асосии барпо шудани давлат ва давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз системаи ташаккулёфтаи давлатӣ метавонад кори муназзами институти давлат ва бақои давлатдориро таъмин намояд. Бинобар ин, дар сатҳи муосир эҳё ва барқарор намудани системаи мукаммали давлатдории тоҷикон яке аз дастовардҳои бунёдии дигари Эмомалӣ Раҳмон, балки яке аз хидматҳои муҳимтарини ӯ барои давлату миллати тоҷик мебошад. Касоне, ки ба сиёсат ва давлат аз назари касбӣ менигаранд, то чӣ дараҷа ҳаётӣ будани ин дастовардро ба хубӣ дарк менамоянд.

Дастовард ё қадами устувори чоруми Эмомалӣ Раҳмон дар он буд, ки бо ҷасорат ва иродаи қатъии ӯ мардуми Тоҷикистон аз вартаи ҷанги дохилии хонумонсӯз раҳо гашта, ба ваҳдати миллӣ расид. Ғояи сулҳ, оштии миллӣ ва афву ҳамдигарбахшӣ аз муҳимтарин паёмҳое буданд, ки Сарвари давлат ҳанӯз дар рӯзи аввали интихобаш ба миён гузошта буд ва ин паёмҳо ҷавҳари тамоми барномаю фаъолияти баъдии ӯро ташкил намуданд.

Ҳамагон дар ёд доранд, ки Эмомалӣ Раҳмон дар ҳузури вакилони иҷлосияи таърихӣ ва дар пешгоҳи халқи шарифи Тоҷикистон савганд ёд кард: агар лозим шавад, ба ивази ҷони худ сулҳу ваҳдатро ба Тоҷикистони азиз бозмегардонам ва то даме, ки як гурезаи тоҷик дар хориҷ ба сар мебарад, ором зиндагӣ нахоҳам кард.

Имрӯз шоҳидем, ки он суханон як шиори холии сиёсӣ набудаанд, балки фарёди самимии як фарзанди халқи тоҷик, ки дарди ҷонкоҳи миллат ва андешаи наҷоти Ватан тамоми вуҷудашро фарогирифта буд.

Ҳарчанд мардуми шарифи Тоҷикистон ташнаи сулҳу ваҳдат буд, аммо тарроҳони ин ҷанги бемаънӣ ба осонӣ аз нақшаҳои худ даст намекашиданд. Ин буд, ки ба Эмомалӣ Раҳмон солҳо лозим омад, то ба иҷрои яке аз паёмҳои марказии худ - барқарорсозии сулҳ ва ваҳдати миллӣ ноил гардад. Барои расидан ба ин ҳадафи муқаддас роҳбарияти давлат тавонист, ки ҳудуди як миллион гурезаро ба хонаҳояшон баргардонад, даҳҳо ҳазор манзили вайроншударо барқарор созад, ҳазорҳо макони ҷамъиятӣ ва нуқтаҳои истифодаи умумӣ, мисли мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ, пулҳо, корхонаҳоро эҳё ва барқарор намояд.

Ҷойи ифтихор аст, ки имрӯз таҷрибаи сулҳи тоҷиконро ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як мактаби бузурги сулҳофарӣ ва ҳалли низоъҳо эътироф намуда, мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор медиҳад.

Чор дастоварди зикршуда боис гаштанд, ки заруратҳои ҳаётии давлату миллат ба таври устувор таъмин гашта, масъалаи наҷоти миллӣ ҳалли худро ёбад. Ва дар ин раванди мураккабтарини таърихӣ, ки масъалаи буду набуди давлату миллат ҳал мешуд, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти дорои хусусиятҳои баланди роҳбарӣ зуҳур карда, ба таври табиӣ ба пешвои мардумӣ ва лидери умумимиллӣ табдил ёфт. Муҳимтарин хусусияти шахсияти сиёсии Сарвари давлат дар он буд, ки дар симояш тамоми рӯҳия ва хусусиятҳои беҳтарини халқи тоҷик ифода ёфта, ӯ дар муҳити мардумӣ ҳамчун падидаи худӣ, ҳамчун бахше аз худи мардум, ҳамчун "порае аз пайкари халқ" пазируфта шуд. Ҳамин тавр, бо зуҳури Эмомалӣ Раҳмон мардуми Тоҷикистон соҳиби пешво ё лидери ягонаи миллӣ гашт ва дар натиҷа яке аз муҳимтарин масъалаҳои миллӣ ва таърихии давлатдории мо, яъне масъалаи лидери сиёсии миллат ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ ҳалли муносиби худро пайдо намуд. Ин натанҳо дастоварди панҷуми Эмомалӣ Раҳмон, балки дастоварди бунёдии тамоми мардуми Тоҷикистон буд.



Масъалаи пешвои миллӣ ва лидери эътирофшудаи давлатӣ як мавзӯи бисёр ҳаётии давлатдорӣ буда, дар мавриди он таваҷҷуҳ ба нуктаҳои зерин бисёр муҳим аст:

Якум, масъалаи пешвои миллиро набояд бо падидаҳои манфие чун шахсиятпарастӣ, авторитаризм, мадҳу ситоиши роҳбар канори ҳам гузошт. Пешвои миллӣ шахсиятест, ки маҳз бо ифои нақши воқеии сарнавиштсоз барои давлату миллати худ сазовори эътирофи умумимиллӣ гашта, масъалаи пешвоии ӯ ба таври табиӣ ва воқеӣ аз тарафи ҷомеа қабул мегардад. Пешвои миллӣ ба таври сунъӣ ё бо мадҳу сано сохта намешавад, балки он маҳсули як марҳалаи таърих, натиҷаи ҷонбозӣ ва аз худ гузаштанҳои шахсият дар роҳи давлату миллат, инъикоси воқеияти ҷомеа ва натиҷаи эътирофи воқеии мардум аст.

Дуюм, таҳлили ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри гузашта нишон медиҳад, ки дар он солҳо ҷомеаи мо илова бар мушкилоти дигар, ба бӯҳрони амиқи набудани лидери умумимиллӣ низ рӯ ба рӯ гашта буд. Ҳар як гурӯҳи аҳолӣ аз пайи лидерони ҳизбӣ, гурӯҳӣ, динӣ ва маҳаллии худ рафта, дар айни замон, ин "пешвоён" ҳамдигарро умуман эътироф намекарданд. Ҳамин тавр, ҷомеа ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ фурӯ рафт ва фоҷеаи миллӣ пеш омад. Бинобар ин, агар дар он марҳала шахсияти дар сатҳи умумимиллӣ эътирофшудае вуҷуд медошт, ки бо тамоми ҷасорат ва иродаи қавӣ зимоми идораи мамлакатро ба дӯш мегирифт ва ҳамчун кафили ҳифзи давлатдорӣ, суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ тамоми нерӯҳои сиёсиро дар атрофи худ ҷамъ меовард, шояд пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ гирифта мешуд. Ин аст, ки дар баъзе марҳалаҳои таърихӣ ҳузури пешвои миллӣ барои миллат ва давлат ба як масъалаи сарнавиштсоз табдил мешавад.

Сеюм, набояд чунин пиндошт, ки масъалаи пешвои миллӣ як масъалаи кӯҳна буда, ба ҷомеаҳои анъанавӣ ва ғайридемократии асрҳои гузашта дахл дорад. Зеро, аз назари илми сиёсат, зуҳури лидери умумимиллӣ ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ як зарурати бисёр ҷиддии давлатдорӣ ва давлатсозӣ буда, на танҳо дар гузаштаи дур, балки дар таърихи ҷаҳони муосир низ ҳастию бунёди аксари давлатҳои пешрафтаву демократии ҷаҳон ба номи шахсиятҳои алоҳидаи рамзӣ ва калидӣ вобаста аст. Чунин шахсиятҳо дар марҳалаҳои ҳассостарини таърихи давлатҳои худ зуҳур карда, на танҳо масъалаи буду набуд, балки роҳи минбаъдаи рушди ин кишварҳоро муайян намудаанд. Масалан, таъриху давлатдории Амрикои демократӣ ба номи Ҷорҷ Вашингтон, Фаронса бо Шарл Де-Голл, Чин бо Мао Зе Дун, Туркия бо Камол Отатурк пайвастагии зич доранд. Дар кишварҳои аъзои ИДМ бошад, касе наметавонад нақши калидии Владимир Путинро дар наҷоту эҳёи давлатдории Русия ва ё нақши таъйинкунандаи Нурсултон Назарбоевро дар ташаккул ва рушди давлатдории миллии қазоқҳо инкор намояд. Эътирофи хидмат ва ҷойгоҳи табиӣ ва воқеии ин шахсиятҳо ҳаргиз давлатҳои зикршударо аз сифати демократӣ маҳрум накардааст.

Чорум, бисёр муҳим аст, ки масъалаи лидери сиёсии миллат бо масъалаи вуҷуди шахсиятҳои фарҳангӣ, адабӣ, ҳунарӣ ва маънавии миллӣ иштибоҳ гирифта нашавад. Миллати тоҷик дар тӯли таърихи худ садҳо фарзандони бузургеро парвариш намудааст, ки дар илму фарҳанг, донишу хирад ва ахлоқу одоб на танҳо дар минтақа, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ эътибору эътироф ёфтаанд. Аммо садсолаҳои набудани давлати миллии худӣ имкон намедод, ки мо дорои лидери сиёсии миллӣ ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ бошем, зеро ташаккули чунин падида маҳз дар шароити давлати мустақили миллӣ имконпазир аст. Пас, худи ташаккули шахсияти давлатдор, ба майдон омадани давлатмард ва зуҳури лидери давлатию сиёсии миллат барои таърихи садсолаҳои охири мо падидаи комилан нав буда, сатҳи сифатан нав ё марҳалаи соҳибдавлатии рушди миллатро ифода мекунад.

Панҷум, яке аз муҳимтарин нақшҳои лидери миллӣ ва пешвои давлатӣ дар сарнавишти давлатҳо аз он иборат аст, ки чунин шахсиятҳо бо донишу таҷрибаи бузурги худ мактаби давлатдории миллиро поягузорӣ намуда, шароити ҳифз, рушд ва интиқоли арзишҳо ва анъанаҳои давлатдории миллиро фароҳам меоваранд. Хушбахтона, имрӯз зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон мактаби давлатдории миллии муосири тоҷикон ташаккул ёфтааст, ки он яке аз омилҳои кафолатдиҳандаи рушд, субот, амният ва ҷовидонагии давлатдории мо мебошад.

Хулоса, зуҳур ва ташаккули пешвои миллӣ ё лидери сиёсии миллат як дастоварди бунёдии давлат ва миллати мо мебошад. Зеро, тавре таъкид шуд, таърихи аксари кишварҳои ҷаҳон собит намудааст, ки ташаккули лидери сиёсии миллӣ ва пешвои эътирофёфтаи давлатӣ як зарурати асосии марҳалаи эҳё ва барқарории давлатҳо буда, зуҳури он тамоми таърихи минбаъдаи давлатҳо ва миллатҳоро муайян мекунад.

Тавре зикр шуд, зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон мактаби давлатдории миллии тоҷикон дар замони нав ташаккул ёфта, ҷанбаҳои шаклӣ, сохторӣ, мазмунӣ ва арзишии он дар сатҳи муосиртарин ба вуҷуд оварда шуданд. Дастоварди шашум ва бисёр ҳаётии Тоҷикистон зери сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар он буд, ки маҳз дар доираи мактаби давлатдории ӯ сохти нави давлатдории муосири тоҷикон, яъне давлати демократии дунявии ҳуқуқбунёд бунёдгузорӣ шуд. Ин ғояи меҳварӣ аз аввалин рӯз аз тарафи роҳбари тозаинтихоби кишвар ҳамчун хати ҳаракати ояндаи Тоҷикистон расман садо дод ва дар натиҷаи талошҳои зиёд соли 1994 дар моддаи якуми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамеша сабт шуд.

Дар ин муддат ба давлати мо муяссар гашт, ки як силсила меъёрҳои усулии низоми демократӣ, аз ҷумла асосҳои демократии сохти давлатдорӣ, моҳияти дунявӣ ва иҷтимоии давлат, муқаддас будани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, асли гуногунфикрии сиёсӣ, фаъолияти порлумони касбӣ, бунёдҳои ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, таъмини адолати судӣ, баробарии ҳама дар назди қонун, баробарҳуқуқии занону мардон, асли озодии виҷдону эътиқодро асоси устувори қонунӣ бахшад.

Ҳамчунин, дар ин давра давлат зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар масъалаҳои ташаккули низоми бисёрҳизбӣ, татбиқи гуногунфикрии сиёсӣ, баланд бардоштани ҳуқуқи занон ва таъмини баробарҳуқуқии зану мард дар ҷомеа дастовардҳои муҳим касб намояд. Имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти Тоҷикистон занон нақши сазовори худро дошта, дар ояндa низ ин сиёсати давлатӣ ба таври ҷиддӣ идома меёбад.

Хулоса, Тоҷикистон ҳаракати орому устувори худро дар роҳи бунёди давлати демократии дунявии ҳуқуқбунёд идома дода истодааст. Ду даҳсолаи гузашта нишон дод, ки интихоби ин роҳ интихоби дурусту дурбинона буда, худи ғояи он ба яке аз заминаҳои асосии ҳаёти осоиштаи ҷомеа табдил ёфтааст.

Қадам ё дастоварди бунёдии ҳафтуми Тоҷикистон зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар он буд, ки дар ин давра зерсохторҳои ҳаётии ваҳдати миллӣ ба вуҷуд оварда шуданд. Манзур аз ин зерсохторҳо, пеш аз ҳама, бунёди роҳҳои мошингард, нақбҳо, хатҳои интиқоли барқ, шабакаҳои умумии иттилоърасонии сартосарӣ ва ғайра мебошад. Бале, роҳҳо, нақбҳо ва пулҳо пеш аз ҳама, аҳамияти иртиботию иқтисодӣ доранд ва ин нақши худро иҷро карда истодаанд. Вале ёд дорем, ки дар оғози ин барномаҳои азим баъзеҳо маънидорона мепурсиданд, дар ҳоле ки кишвар мушкилоти ҷиддитари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад, ба бунёди чунин роҳҳо ва воситаҳои иртиботии гаронқимат чӣ ҳоҷат аст?

Вале, вақте ин роҳҳо, нақбҳо ва пулҳо сохта мешуданд, Эмомалӣ Раҳмон дар замири худ илова бар ҳадафи иқтисодӣ, як барномаи бисёр ҷиддитар аз роҳсозию нақбканӣ дошт: ӯ, пеш аз ҳама, онро дар назар дошт, ки ин роҳҳо ва ин нақбҳо чун рагҳои хунгарди як пайкари зинда кишвари моро ба кишвари ягона ва миллати моро ба миллати ягона табдил медиҳанд. Зеро, кишваре, ки минтақаҳои он бо ҳамдигар соле дар тӯли 6 моҳ робита надошта бошад, кишваре, ки мардуми он дар тӯли солҳо натавонад ба минтақаҳои дигари кишвар сафар кунад, чӣ гуна метавонад ваҳдати худро ҳифз намояд? Маҳз робитаи доимӣ ва рафтуомади ҳамешагӣ тафаккури мардумро аз сатҳи деҳоту маҳал ва минтақаҳо берун оварда, дар сатҳи миллати ягона ташаккул медиҳад.

Дар ин давра ба Ҳукумати Тоҷикистон муяссар гашт, ки бо сохтани хатҳои интиқоли барқи "Лолазор - Хатлон" ва "Ҷануб-Шимол" шабакаи ягонаи энергетикии кишварро барқарор намояд, ки он на танҳо як омили ваҳдат, балки омили муҳими амнияти миллӣ низ гаштааст. Ҳамчунин, муяссар гашт, ки дар ниҳоят шабакаҳои саросарии иттилоърасонӣ дар сатҳи кишвар барқарор гарданд. Дар натиҷа, имрӯз мавҷҳои шабакаҳои радиоӣ ва телевизионии Тоҷикистон тамоми нуқтаҳои кишварро фаро гирифтаанд, ки ин низ яке аз зерсохторҳои ҳаётии ваҳдати миллӣ буда, барои ташаккули тафаккури ягонаи миллӣ нақши ҷиддӣ мебозад.

Хулоса, ваҳдати миллии мо бо зерсохторҳои зарурӣ низ таъмин гардид, ки бидуни он пойдории ваҳдатро тасаввур кардан мушкил буд. Ин ҳам яке аз дастовардҳои ҳаётист, ки Тоҷикистон зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ба он ноил гашт.

Дастоварди ҳаштум дар он буд, ки дар ин давра ба Эмомалӣ Раҳмон муяссар гашт, то соҳаҳои асосии хоҷагии халқи кишварро эҳё намояд ва ҷомеаи моро аз бӯҳрони шадидтарини иқтисодӣ ва иҷтимоӣ берун оварад. Ин раванд дар се марҳала анҷом ёфт:

Марҳалаи якум, таъмини фаврии мардум бо маводи ғизоӣ, сарпаноҳ ва эҳтиёҷоти аввалия буд. Дар рӯзҳои аввали Сарвари давлат интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон баъзе минтақаҳои кишвар бо хатари ҷиддии гуруснагӣ рӯ ба рӯ буданд, дар минтақаҳои дигари кишвар низ таъмини нон, хӯрок ва ашёи зарурии рӯзгор масъалаи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳатто дар пойтахти кишвар мардум рӯзҳои дароз барои нон навбат меистоданд. Дар чунин вазъият барномаи аввалиндараҷаи Эмомалӣ Раҳмон гирифтани пеши роҳи гуруснагӣ ва талафоти мардум буд, ки хушбахтона, бо муваффақият амалӣ шуд. Барои расидан ба ин ҳадаф, аз ҷумла лозим омад, ки 75 ҳазор гектар замин ба аҳолӣ тақсим карда шавад. Мардуми деҳот онро ҳамчун "замини президентӣ" хуб дар ёд доранд.

Марҳалаи дуюм, раҳоии мардум аз фақру камбизоатӣ буд. Ин кор иҷрои барномаҳои ҷиддии давлатиро тақозо мекард, ки муҳимтарини онҳо татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Хушбахтона, бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз ҳудуди 90% то зери 30% коҳиш дода шуд. Бале, имрӯз низ мо қишри камбизоат дорем, вале акнун камбизоатӣ ҳолати умумии ҷомеаи мо нест ва давраи зиндагии мардум бо ёриҳои хайрияи башардӯстона кайҳо гузаштааст.

Марҳалаи сеюм, ба амал баровардани ислоҳоти иқтисодӣ буд, ки муҳимтарин бахши он гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ва ба вуҷуд овардани бахши хусусӣ ба ҳисоб мерафт. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад, ба давлат муяссар шуд, ки аз сохти хоҷагидории кӯҳна ба тарзи нави хоҷагидорӣ гузарад, ки дар натиҷаи он деҳқон ба соҳиби воқеии замин табдил гашта, худ барои ба даст овардани ҳосили фаровон ҳавасманд гардид.

саҳ. 6

# ПЕШВОИ МИЛЛӢ

## БУДАНИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН РИСОЛАТИ ӮСТ

*саҳ. 5*

Хулоса, ҳар касе, чи мутахассис ва чи шаҳрванди одӣ, вазъияти имрӯзаи зиндагии мардуми кишварро на танҳо бо солҳои мудҳиши 90-ум, балки ҳатто бо 10 ё 5 соли пештар боинсофона муқоиса намояд, бидуни шак эътироф хоҳад кард, ки имрӯз сатҳи зиндагӣ дар кишвар ба таври бунёдӣ тағйир ёфта, мушкилоти асосии мардум аллакай дар гузаштаи дур мондаанд, иқтисодиёти мамлакат аз марҳалаи барқарорсозӣ пурра гузашта, ба марҳалаи рушди устувор ворид шудааст. Бояд эътироф намуд, ки барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум ҳанӯз корҳои зиёде дар пеш аст. Вале, дар айни замон, бо камоли масъулият метавон гуфт, ки чархаи иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи мо ба пеш ба ҳаракати муназзам даромадааст, ки ин як дастоварди бунёдӣ мебошад.

Дастоварди бунёдии нуҳум дар он ифода мегардад, ки талошҳои фарҳангсолоронаи Эмомалӣ Раҳмон заминаи онро гузошт, то миллати тоҷик ҳамчун воҳиди ягонаи сиёсӣ ва этнофарҳангӣ эҳё гашта, ба худшиносии миллӣ ва истиқлолияти фикрӣ бирасад. Тайи ин давра ӯ дар самти эҳёи фарҳангу арзишҳои миллӣ, тақвияти худшиносии миллӣ ва ташаккули рӯҳияи ягонаи миллӣ қадамҳои устувор гузошт. Дар ин давра ба роҳбарияти давлат муяссар гашт, ки забони тоҷикиро ҳамчун яке аз рукнҳои асосии миллат пурра эҳё намуда, корбурди комили идорию сиёсӣ ва илмию ҷамъиятии онро таъмин созад. Ба хотири тақвияти худшиносии миллӣ, ташаккули эътимоди қавии мардум ба фарҳанг ва арзишҳои миллии худ ба Эмомалӣ Раҳмон зарур омад, ки бо барномарезиҳои ҳадафманд хотираи таърихии миллатро эҳё ва барқарор намояд. Бо ин ҳадаф, бо супориши бевоситаи ӯ симои як силсила абармардони таъриху фарҳанги миллат эҳё шуда, ҷашнҳои бошукӯҳи бузургдошти онҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ баргузор шуданд, ки Исмоили Сомонӣ, Имоми Аъзам Абӯҳанифа, Имом Бухорӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Имом Ғазолӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ҳамчунин, чун рамзи сипоси абадии мардуми Тоҷикистон барои хидматҳои беназирашон ба як зумра абармардони таъриху фарҳанг, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шотемур унвони баландтарин - Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Дар раванди эҳёи худогоҳии миллӣ баъзеҳо эътироз доштанд, ки давлат беш аз ҳад ба гузашта рӯй оварда, "сиёсати таърихгаро"-ро пеш гирифтааст. Вале, дар ҳолате ки пояҳои худшиносии миллии мо осеби ҷиддӣ дида, миллати мо аз асолати худ то ҳадде дур карда шуда буд, марҳалаи эҳёи хотираи таърихӣ ва барқарорсозии пойдеворҳои худшиносии миллӣ як зарурати бисёр муҳимми ҳам миллию таърихӣ ва ҳам давлатию сиёсӣ буд. Аз тарафи дигар, ҳамаи ин иқдомҳо барои тарбияи насли наврас бар пояи арзишҳои миллӣ ва дар рӯҳияи ватандорӣ таъсири ҷиддӣ доранд. Ҳадафи ниҳоии ин иқдомҳо иборат аз он буд, ки миллати мо бо касби худогоҳӣ ва эътимод ба худ, ба марҳалаи истиқлолияти фикрӣ бирасад. Ин масъала аҳамияти ҳамаҷонибаи назарӣ ва амалӣ дорад, зеро то истиқлолияти фикрии як миллат таъмин нагардад, истиқлолияти сиёсии он нокомил боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон на танҳо истиқлолияти сиёсии давлат, балки истиқлолияти фикрии миллатро низ эҳё намуд, ки ин як дастоварди меҳварӣ ва бунёдӣ мебошад.



Қадами устувор ё дастоварди бунёдии дигар дар он буд, ки талошҳои Эмомалӣ Раҳмон боис гашт, то Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи сазовори худро дар арсаи байналмилалӣ пайдо кунад. Ҳанӯз дар аввалин Муроҷиатномае, ки ӯ ҳамчун Сарвари давлат ба халқи шарифи Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул карда буд, маҳз бар зарурати ҳамчун воҳиди баробарҳуқуқ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид шудани Тоҷикистон таъкид карда мешуд. Сиёсати "Дарҳои боз", ки заминаи он маҳз аз тарафи Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуд, дар ин муддат ҳамчун як консепсияи амалгароёна, мутавозин ва сулҳомез натиҷаҳои зарурӣ дода, обрӯю эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боло бурд. Ҳоло Тоҷикистон бо беш аз 140 кишвари ҷаҳон робитаи дипломатӣ барқарор намуда, узви комилҳуқуқи беш аз 40 созмони байналмилалӣ мебошад.

Дар мавриди ҷойгоҳи байналмилалии Тоҷикистон сухан гуфта, зикр кардан зарур аст, ки кишвари мо як узви бемавқеъ ва ё назоратгари одии равандҳои сиёсии байналмилалӣ набуда, балки сиёсати хориҷии соҳибташаббус дорад. Шояд зикр кардан кофӣ бошад, ки маҳз бо пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон Маҷмаи умумии СММ соли 2003-ро "Соли байналмилалии оби тоза", солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" ва соли 2013- ро "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об" эълон намуд. Имрӯз пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон доир ба эълон намудани даҳсолаи нави байналмилалии "Об барои рушди устувор" барои даҳсолаи оянда мавриди дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад.

Мавқеи фаъоли Сарвари давлати Тоҷикистон хусусан, дар масъалаҳои минтақавӣ, аз ҷумла, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли воқеии буҳрони Афғонистон барои ҳамагон маълум аст.

Ҳамин тавр, имрӯз бо камоли ифтихор метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақили соҳибихтиёр ҷойгоҳи муносиб ва сазовори худро дар арсаи байналмилалӣ пайдо кардааст. Ин тантанаи як ормони ҳазорсолаи миллати тоҷик аст, ки, хушбахтона, зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ҷомаи амал пӯшид.

Хулоса, агар ин дастовардҳои усулиро канори ҳам гузорем, метавон гуфт, ки дар натиҷаи фаъолияти ҷиддӣ ва бисёрсамтаи Эмомалӣ Раҳмон давлатдории миллии тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт, тамомияти арзии Тоҷикистон ҳамчун давлати ягона ҳифз шуд, аркони асосии сиёсӣ, идорӣ ва қудратии давлатдории миллии мо эҳё ва барқарор гашт, миллати тоҷик ҳамчун воҳиди ягонаи сиёсию этнофарҳангӣ эҳё ва ҳифз гардид, ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон таъмин шуд, зерсохторҳои зарурии ваҳдати миллӣ барқарор гардиданд, сохти давлатӣ ва самти сиёсии давлатдории тоҷикон дар замони муосир мушаххас шуд, соҳаҳои асосии хоҷагии халқи мамлакат барқарор гашт ва ниҳоят, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ҷойгоҳи устувори худро дар арсаи байналмилалӣ касб намуд.

Аз нигоҳи илми сиёсат ва аз назари фанни давлатдорӣ ҳамаи ин чӣ маъно дорад? Ин ҳақиқати инкорнопазир ба он маъност, ки аввалан, Эмомалӣ Раҳмон рисолати таърихии худро дар назди ватан, миллат ва таърих ба ҷой овард. Яъне, он вазифаҳои таърихие, ки дар назди ӯ, ҳамчун Сарвари давлати тоҷикон гузошта шуда буд, ҷомаи амал пӯшиданд.

Дуюм, ин дастовардҳо ба он маъност, ки зери сарварии ӯ Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва устувор ба як воқеияти инкорнопазири таърихӣ ва сиёсӣ табдил ёфт. Имрӯзҳо дар таҳлилҳои илмии сиёсӣ нисбат ба кишварҳое, ки масъалаҳои асосии сарнавишти худро ҳал карда натавонистаанд ва ояндаи буду набудашон ҳанӯз рӯшан нест, истилоҳи "давлатҳои ноком"-ро ба кор мебаранд. Ва гоҳо бадхоҳони давлатдории тоҷикон низ мехостанд, ки давлати мо маҳз дар ин радиф қарор гирад. Вале имрӯз, мо метавонем бо сарбаландию ифтихор эълон намоем, ки Тоҷикистон зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун давлати мустақил барпо шуд, ҳамчун воқеияти устувори таърихию сиёсӣ доир гашт! Дигар ҳеҷ касе ва ҳеҷ нерӯе наметавонад, ки мавҷудияти Тоҷикистон, истиқлолияти давлатӣ ва ягонагии кишвари моро зери савол гузорад.

Бинобар ин, имрӯз мо бо камоли масъулият дар баробари рӯҳи бузурги ниёгонамон, дар пеши таърихи пурфоҷеаи миллатамон, дар баробари рӯҳи ҷовидони қурбониёни ин роҳи муқаддас ва дар назди халқҳои ба мо дӯсти ҷаҳон эълон намоем, ки рисолати таърихии худро ба ҷой овардем, давлати худро соҳибӣ кардем, ҳифз намудем ва ҳифз хоҳем намуд. Ин аст дастоварди муҳимтарини фаъолияти сарварии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун фарзанди Ватан ба пешвои миллат.

Акнун Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбари баркамол дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсию амниятии минтақа ва ҷаҳон Тоҷикистонро чун узви сарбаланди ҷомеаи ҷаҳонӣ бо камоли масъулият муаррифӣ менамояд. Бо назардошти ҳассосияту печидагии фазои сиёсию амниятии минтақа ва ҷаҳон бояд гуфт, ки дар ҳақиқат, дар чунин марҳалаи печидаи таърихӣ ин мамлакат бояд чунин пешвои пухтакору озмудае дошта бошад.

Имрӯз мардуми Тоҷикистон ба Эмомалӣ Раҳмон на ҳамчун ба як роҳбари одӣ, балки ҳамчун ба як наҷотбахши давлат, сарҷамъкунандаи миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактаби давлатдории муосири миллӣ ва дар маҷмӯъ, ҳамчун ба меъмори давлатдории навини тоҷикон ва пешвои эътирофшудаи умумимиллӣ менигарад. Пас, пешвои миллӣ будани Эмомалӣ Раҳмон як мансаб ё як унвон нест, балки пешвои миллӣ будани ӯ як ҷойгоҳ аст, як нақш ва як рисолати таърихиест, ки ӯ дар шоҳидии тамоми мардум ба он расидааст.

Ин аст, ки дар Тоҷикистони имрӯза ҷонибдорӣ аз Эмомалӣ Раҳмон маънои васеътар аз ҷонибдорӣ аз як шахсро гирифтааст, балки ҷонибдорӣ аз ӯ ба маънои ҷонибдорӣ аз ояндаи устувори давлатдории миллӣ, аз истиқлолияти сиёсӣ ва фикрии миллат, аз низоми давлатдорӣ, аз суботу амнияти ҷомеа ва ҷонибдорӣ аз ваҳдату сарҷамъии миллат мебошад. Зеро сиришти мардумӣ, эҳсоси худӣ, иродаи қавӣ ва таҷрибаи бузурги Эмомалӣ Раҳмон қалби ҳар шаҳрвандро саршор аз ҳисси боварию эътимод ба фардо, ба ояндаи фарзандони худ ва ба дурнамои давлату миллат менамояд.

Ин ҳолати нодирест, ки мардум ба роҳбари худ на ҳамчун ба худ, балки бештар аз худ боварӣ ва эътимод дорад. Ин аст моҳияти пешвои миллат будан. Ин аст моҳияти ба таври воқеӣ ва ба таври комилан табиӣ пешвои миллат будан.

**Ҳаким А.Р.,**
*сиёсатшинос*
АМИТ "Ховар", 26-11-2015 с.

"Дар қаламрави ҷумҳурӣ қариб 13 ҳазор нафар кӯдакону наврасони маъюби синни то 18-сола аз ҷониби давлат нигоҳубин карда мешаванд, ки шумораи бештари онҳо аз никоҳи хешу табори наздик мебошанд."

# ОИЛА МАРЗИ МУҲАББАТ, *НА ҶОЙИ ХУШУНАТ*



**И**н нукта рӯзи 25 ноябри соли равон дар шаҳри Душанбе дар мизи гирде, ки бо ибтикори шуъбаи кор бо занони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ бахшида ба Соли оила таҳти унвони "Оила марзи муҳаббат, на ҷои хушунат" баргузор шуд, зикр гардид.

Муовини Раиси ҲХДТ Раънои Бобоҷониён зимни ифтитоҳи ҷамъомад гуфт, ки соли равон бо пешниҳоди Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Соли оила» эълон гардида, дар доираи он чорабиниҳои гуногуни илмию амалӣ, фарҳангию варзишӣ ва таблиғотӣ гузаронида мешаванд. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон низ барои амалӣ гаштани ин ҳадаф бо сохторҳои давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, занони фаъол, намояндагони аҳзоби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ , институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ менамояд.

Дар мизи гирд Ҳайринисо Юсуфӣ, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Оила- макони меҳру муҳаббат", Марҳабо Олимӣ, муовини аввали Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Рафти иҷрои Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар хонавода", Лола Бобоҳоҷиева, муовини Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Саломатии оила ва оқибатҳои зӯроварӣ", Дилбари Маҳмадшароф, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Татбиқи қонун -асоси мустаҳкамии оила", Весна Ивановић-Кастаред, мутахассиси масоили ҳуқуқии САҲА оид ба "Дастбанди сафед-рамзи дастгирии занон", Наргис Ҷӯраева , ҳуқуқшиноси ИҶ Маркази занон "Гулрухсор" дар бораи "Асосҳои ҳуқуқии ҳимояи курбониёни зӯроварии хонаводагӣ" суханронӣ карданд.

Иштирокдорони мизи гирд солимии оиларо шарти асосии устувории он номидаанд. Ба андешаи онҳо оилаи солим ба ҷомеа бештар манфиат меорад.

Муовини Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ Лола Бобоҳоҷиева зикр намуд, ки аҳолии Тоҷикистон зиёда аз 8 миллиону 70 ҳазор нафар буда, 43 %-и онро кӯдакону наврасони то 18 - сола ташкил медиҳад. Шумораи кӯдакони маъюб то оғози соли 2012 ба 30 ҳазору 460 нафар мерасид, зиёда аз 7 ҳазору 300 нафар, аз он ҷумла дар соли 2014 1242 ва 9 моҳи соли 2015 987 нафар кӯдакони маъюб солим гардонида шуданд.

Марҳабо Олимӣ, муовини аввали Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфт, ки дар назди шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 110 маркази иттилоотию машваратӣ ва дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила маркази бухронии "Боварӣ" таъсис дода шудааст. Инчунин 33 марказ бухронӣ ва 3 паноҳгоҳи муваққатӣ дар назди мақомоти давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятию байналмилалӣ ва Хадамоти дастгирии духтарони ҷабрдида аз зӯроварӣ ва хариду фурӯш амал мекунанд.

Ба андешаи Наргис Ҷӯраева, ҳуқуқшиноси ИҶ Маркази занон "Гулрухсор" сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оиларо Қонуни ҶТ "Дар бораи зӯроварӣ дар оила" ба танзим медарорад. Ин қонун дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила як идда ваколатҳоро вогузор намудааст. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ марказҳои ёрирасон таъсис дода шудаанд, ки фаъолияти худро дар асоси Низомнома ё Оиннома амалӣ мекунанд.

Ҳозирин омилҳои асосии муноқишаҳои оилавиро пеш аз ҳама дар муаммои психологӣ (нофаҳмӣ дар оила, дахолати аъзои оила ва хешовандон, ҳисси нобоварӣ, рашк, хиёнати ҳамсар, дузанагӣ, ҳисси бадбинӣ), баъдан дар муаммои иқтисодӣ (норасоии маблағ, масъалаҳои манзил), инчунин майнушӣ, никоҳи барвақтӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли ин маънидод карда, гуфтанд, ки муноқишаҳои оилавӣ дар пай оқибатҳои нохуш дорад.

Бештари модароне, ки зери хушунат умр ба сар мебаранд, кӯдакони бемор таваллуд мекунанд. Кӯдакони онҳо тарсончак, дурӯғгӯй, дағалмуомила мешаванд, ҳисси бадбинӣ пайдо мекунанд, ки дар натиҷа ба қассогирӣ оварда мерасонад. Ин кӯдакон аз аъзои оила дурӣ меҷӯянд ва хонагурез мешаванд, ки дар натиҷа сафи бачагони душвортарбия афзуда, ҷинояткорӣ зиёд мешавад.

Иштирокдорони мизи гирд ба хулосае омаданд, ки бояд роҳҳои пешгирии муноқишаҳои оилавиро пайдо намуд. Бо ин мақсад сатҳи таълиму тарбияро дар оила, боғча, мактаб, донишгоҳ... баланд бардошт. Дар мактабҳо дарси "Одоби оиладорӣ"-ро ҷорӣ кард. Ҳамзамон фаъолияти кумитаҳои маҳал, нозирони минтақавӣ, ходимони динро беҳтар намуд.

Муовини Раиси ҲХДТ Раънои Бобоҷониён дар хотимаи ҷамъомад таъкид кард, ки мақсад аз баргузории чунин чорабиниҳо ташаккули оилаи солим, боз ҳам фарогир шудани марзи муҳаббати хонаводагӣ ва рафъи хушунат дар оила ва оиладорӣ аст.

Ёдовар мешавем, баргузории чорабинии мазкур ба оғози маъракаи 16 рӯзи мубориза алайҳи хушунат, ки дар тамоми ҷаҳон идома дорад, рост омад.

**Алӣ ҶӮРА**

# Омӯзиш - талаби рӯз

## ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат семинари омӯзишии вакилони маҷлиси маҳаллиро ташкил намуд

**О**мӯзиши илм, дониш, таҷрибаи пешқадам ва ба ин васила тақвият бахшидани дараҷаи тахассус, маҳорату истеъдод, маърифат ва ҷаҳонбинӣ дар замони муосир ба ҳар шахсе, ки бо инсонҳо сару кор доранд, силоҳи муҳими фаъолияту воситаи муҳими корбарӣ бо одамон ва дар ниҳоят беҳбуд бахшидани сатҳи зиндагӣ маҳсуб меёбад. Ҳамин аст, ки ташкилотҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар заминаи барномаҳои созанда бо мақсади роҳандозии омӯзиши пайвастаи технологияҳои наву замонавии фаъолиятҳои сиёсӣ дар миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа ва коллективҳои меҳнатӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонда истодааст.

Дар робита ба ин дар дастгоҳи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат семинари омӯзишии вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳр барпо гардид, ки он дар асоси дастури Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба фарогирии вакилони зинаҳои мухталифи маҷлисҳои маҳаллӣ бо омӯзишҳои сиёсӣ ва ихтисосию намояндагӣ доир гардид.

Семинари мазкур ба мавзуи "Халқ баёнгар ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ" бахшида шуд. Бояд гуфт, ки вакилон ҳамчун намояндаи халқ дар Маҷлиси вакилони халқи шаҳр дар таҳияи қарору санадҳо манфиатҳои кулли интихобкунандагони хешро пуштибонӣ менамоянд. Бинобар ин, барои онҳо пайваста омӯхтани донишҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ муҳим ва ҳатмӣ мебошад.

Дар семинар ҳуқуқшиноси Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдулло Раҳмонзода масъалаҳои "Интихобот ва фаъолияти вакили Маҷлиси вакилони халқ", "Ваколат ва фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ", муовини директори Донишкадаи иқтисодиёт ва демографияи Академияи улуми Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Аброр Мирсаидов "Сарчашмаҳои асосии иқтисодӣ ва молиявии ҳокимияти давлатӣ", "Ҳамшарикӣ - кафили рушди маҳал", мудири шуъбаи таҳлилӣ ва таблиғоти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказӣ, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент Маҳмадулло Наимов "Ҳокимияти маҳаллӣ - нерӯи созанда ва бунёдкор", "Технологияи (равандИ) таҳияи лоиҳаи қарори Маҷлиси вакилони халқ", "Зарурати баррасии мурочиати шаҳрвандон" ва ғайраро баррасӣ намуданд.

Дар шароити ҳозира тақвиму вусъат бахшидани донишҳои сиёсию иқтисодии вакилон ва дар замони муосир омӯзонидану омода сохтани онҳо ҳамчун тарғиботчии комил ба манфиати кори ҳизбӣ мебошад. Зеро ки дар ҷомеаи мо, дар минтақа ва ҷаҳон тағйироту таҳаввулоте сурат гирифта истодаанд, ки иддае аз онҳо пешгӯинашавандаанд. Бинобар ин ҳар як вакили мардумиро лозим аст, ки новобаста ба сатҳи намояндагиашон ба ин гуна равандҳо баҳои саривақтӣ ва дуруст дода, мардумро танҳо барои созандагию бунёдкорӣ раҳнамун созанд. Вакилонро зарур аст, ки бо донишҳои пухта мусаллаҳ гашта, ҳамаи интихобкунандагон ва умуман мардумро баҳри муттаҳидӣ ва корҳои ободонӣ сафарбар намоянд.



**Р. ҶАЛИЛОВ,**
*раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат*

# «ВОРИСОНИ СИНО» БА КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ИБТИДОӢ ТАБДИЛ ЁФТ

**Р**ӯзи 27 ноябри соли ҷорӣ, дар ташкилоти ибтидоии "Ворисони Сино"-и Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Сино конференсияи ҳисоботӣ-интихоботӣ баргузор гардид, ки дар кори конференсияи мазкур Абдураҳим Шоев, мудири бахши оморӣ ва баҳисобгирии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ, Наҳтулло Назаров, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Сино ва Соҳибназар Раҳмонов, директори Маркази тиббии шаҳри Душанбе ба номи Карим Ахмедов иштирок ва суханронӣ намуданд.

Наҳтулло Назаров зимни суханронӣ аз ҷумла изҳор дошт, ки Ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Ворисони Сино", ки дар Маркази тиббии шаҳрӣ фаъолият менамояд, яке аз ташкилотҳои ҳизбии фаъоли ноҳия ба шумор рафта, 250 нафар аъзои ҳизбро муттаҳид намудааст.

Ба рӯзномаи кори Конфесияи мазкур, масъалаҳои ҳисоботи раиси ташкилоти ибтидоӣ дар 11 моҳи соли равон ва вазифаҳо барои соли 2016, ба Кумитаи иҷроияи ибтидоӣ табдил додани ташкилоти ибтидоӣ ва қабули аъзои нав ба сафи ҲХДТ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Соҳибназар Раҳмонов, раиси ташкилоти ҳизбӣ дар баромади худ оид ба фаъолияти ташкилоти ҳизбӣ дар давраи ҳисоботӣ гузориш дода, ҷиҳати иштироки фаъолонаи аъзо дар Интихоботи Маҷлисҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, масъалаи обуна ба нашрияҳои ҳизбӣ ва гузаронидани маҷлисҳои ташкилоти ибтидоии "Ворисони Сино" ибрози андеша намуд.

Ҳамин тариқ аз ҷониби баромадкунандагон фаъолияти ташкилоти ибтидоии "Ворисони Сино" дар давраи ҳисоботӣ қаноатбахш ҳисобида шуд.

Сипас, 113 нафар кормандони ин муассисаи тиббӣ, ки таввасути ариза ба ташкилоти ибтидоӣ ҷиҳати шомил шудан ба сафи ҲХДТ муроҷиат намуда буданд, дар ҳолати тантанавӣ соҳиби шаҳодатномаи ҳизбӣ гардиданд. Бояд ёдовар шуд, ки зиёда аз 60 дарсади нафаронеро, ки тоза ба сафи ҲХДТ пайвастанд, бонувон ташкил медиҳанд.

Мувофиқи талаботи Оинномаи ҲХДТ дар сурати аз 300 нафар зиёд шудани сафи аъзо ташкилоти ибтидоӣ, ба Кумитаи иҷроияи ибтидоӣ табдил меёбад.

Ҳамин тавр, бо қарори дахлдори Конференсия ташкилоти ибтидоии "Ворисони Сино" ба Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Ворисони Сино" табдил дода шуд, ки дар сафи худ 363 нафар аъзоро муттаҳид намудааст. Баъд кори Конференсия вакилон якдилона Соҳибназар Раҳмоновро раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии "Ворисони Сино" интихоб карданд.

Абдураҳим Шоев, мудири бахши оморӣ ва баҳисобгирии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ дар баромади худ оид ба вазифаҳо ва уҳдадориҳои кумитаи иҷроияи ибтидоӣ, риояи талаботи Оинннома ва Низомномаи дохили ҳизбӣ ибрози андеша кард.



Ӯ ҳамчунин якчанд нуктаро, ки дар барномаи ҲХДТ ҷиҳати рушди соҳаи тандурустӣ пешбинӣ шудааст, ёдовар шуда афзуд, ки ҲХДТ бо мақсади дастрасии мардум ба хизматрасонии сифатноки тиббӣ такмили низоми идоракунии соҳаи тандурустиро муҳим шуморида, ҷорӣ намудани рақобати солим, ташаккули низоми муосири хизматрасонӣ бо истифода аз технологияҳои замонавӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳибкасби соҳаро аз ҷумлаи иқдомоти зарурӣ медонад.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

# МУШКИЛОТЕ, КИ МИЛЛӢ ТАЪСИ

## ВА Ё БЕМОРИИ МАРДУ

**Дар бораи он, ки ин проблемаи исботаш гӯё мушкилу дар асл садҳо далелу арқомдоштаро бинависам ё не, зиёда аз як сол фикр кардам.**

Медонам, ки бардоштани ин мавзӯъ душманонамро зиёд мекунаду натиҷаҳои бадтаре ҳам дошта метавонад, тасмим мегирам, ки наменависам, зеро ин ҳамаро танҳо ман не, бисёриҳо медонанд, аммо чаро ки онҳо хомӯшанд... Виҷдону имон оромам намегузоранд, ки ба ин мушкилот чашм пӯшам, охир ин масъалаи миллист. Мушкилест, ки ба генофонди миллат таъсиргузор. Проблемаест, ки миллати маро сол аз сол заифу мувоҷеҳи бемориҳо мегардонад, ки ин ҳама ноадолатӣ шояд ба хотири кисаи як фоизи ками одамон бошад. Дар асл таъсири он, натиҷаи он ҳазорон ашхоси бемор ва даҳҳо кӯдакони дардманд, ки шояд умре маъюбу касал боқӣ монанд, садҳо занҳое, ки барои фардо фарзанди носолим ё нотобовар ба вирусҳои ҳамарӯза афзояндаву даҳшатнокро таваллуд мекунанду пояшон аз дари бемористонҳо канда намешавад. Пас, менависам, зеро ин рисолати рӯзномагирии ман аст!

Дар бораи он ки тайи даҳсолаҳои охир барои иддае аз духтурони мо калимаи пациент (бемор, мариз, касал, дардманд) кайҳо ба вожаи клиент (мизоҷ, муштарӣ, харидор, одами пулдоре, ки барои хариди чизе омадааст) куллан иваз шудааст, шумо инро на аз ман, на нахустин маротиба, балки даҳҳо ва садҳо бор шунидаед. Вале бетарафед. Истиҳола мекунед? Оре, метарсед, ки мабодо ба дасти ҳамин хел духтурҳо корафтода шавед, "вой бар ҳолатон".

Метарсем, ки ин шабакаи табибони аз бемориҳои мо бойшуда он қадар васеъ ва теъдодашон рӯз то рӯз меафзояд, ки исбот кардани он ки бемор барои духтур "луқмаи равғанин" аст, кори саҳл нест. Ҳарчанд ҳамарӯза мову шумо, хешону фарзандон, ҳақу ҳамсояҳо ёру ошноҳоямон садҳо мисолҳо дар ин бора бароямон қисса мекунанд. Худ шоҳидем. Худо шоҳид аст. Солҳои пештар духтурони таҳсилоти шӯравӣ дошта, аз гирифтани 3-5 сомонии ба ҷойи ташаккур дар кисаашон гузошта, шарм мекарданду аксаран онро рад менамуданд. Вале имрӯз теъдоде аз духтурон, ҳамшираҳои шафқат (хонда шавад бешафқат) аксарияти савдогарони дору ( ба қавли мардум аптекачиҳо, ки бояд табиб бошанд) ва ҳатто фаррошону дарбонони бемористону беморхонаҳо бо дидани бемор ё хешу табори вай хурсандии хешро пинҳон намекунанд. "Чашм ба ранги зарди бемор неву ба кисаи ӯст. Нархҳое, ки гӯё пардохти он дар баъзе бемористонҳо чун расмиёт муқаррар шудааст, як қисмати камтарини харочоти бемор аст. Агар маризатонро дар бемористон бистарӣ карданӣ бошед, пас "даҳҳо бор вой бар ҳолатон" - мегӯянд одамон.

Бо чашми сар дидаам, ки шахси ношиносу дар садамаи автомобилӣ маҷрӯҳшудаеро, ки ба таксӣ худамон савор карда ба Қарияи Боло овардем, "соҳиб надорад", гуфта чанд соат аз долон ақаллан барои ташхис ба ҳуҷраи духтур надароварданд. Суол ин аст, ки дар ин ҳол ӯ пациент аст ё клиент?

Духтурам ба ман доруе таъин ва таъкид кард, ки мабодо қалбакияшро (подделка) нагирам. Нархи дору 280 сомонӣ буд. Ба яке аз дорухонаҳои микрорайони 91 рафта доруро ёфтам, ба фурӯшанда гуфтам, ки мабодо қалбакӣ набошад? Ӯ худро сахт хафашуда нишон дода қасам хӯрд, ки асл аст. Онро гирифта назди табиб рафтам. Гуфт қалбакист. Ба дорухона баргаштам. Посухи "табиб" чунин буд! "Мо возврат намегирем". Ӯ маро хуб дар ёд дошт, вале хотиррасонаш кардам: - ман хоҳиш карда будам, ки қалбакиро ба ман нафурӯшед. Нагирифт, доруи чанд соат пеш фурӯхтаашро. (Ин корро дар ҳар як мағозаву бозори мо алайҳи қонун чунин мекунанд, вале мо ҳақи даъвои ҳуқуқи хешро надорем. "Наметавонем, зеро онҳо пулдоранду ҳақ мебароянд, мо вақти судбозӣ ва тоқати талаф додани асабҳоро надорем", - шикоят мекунанд одамон.)

Савдогари дору (на фармасефт, балки доруҷаллоб) бо ман ҷанҷолу хархашаро бардошт. Ман ҳам ба таҳдид гузаштам, охир "бардор ба оҳан, оҳани тофтаро" гуфтаанд бузургон. Гуфтам, ки ин дору 280 сомонист, дар дорухонаи шумо ба микдори даҳҳо ҳазорҳо сомонӣ доруи қалбакист. Пагоҳ ман бо комиссияи Вазорати тандурустӣ ба ин ҷо бозмеоям. Савдогари дору каме мулоим шуд, вале ҳеҷ дилаш намешуд, ки аз 280 сомонии ман дода бенасиб шавад.

Гуфт: "Доруро монед, кадом вақте фурӯхтам, пулатонро медиҳем". Таваҷҷуҳ кунед, ки усули кӯҳнашудаи савдогарони мост. Одам бояд барои пули худаш аз пушти инҳо бидавад, то дарачае, ки безор шуда аз бахри он гузарад. Агар шумо як доруи ситрамони 1-сомона ҳам харида бошед, онро ба шумо барнамегардонанд. Қоида шудааст, пулро баргардондан хосияти хуб надорад! Бале ин қоидаи хурофотомез қонунро ба як нул задааст (Даҳҳо мисол дорем).

Телефонро ба духтурам додам, то бо забони табибон ё касбӣ бифаҳмонадаш, ки доруро ман не, ӯ қабул надорад. Духтур чанд дақиқа гап зад. Баъди ба чандин кас занг задан савдогарзан бо дили нохоҳам пуламро баргардонд. Вале асабҳои хароби маро кӣ бармегардонад? Пас, мо бояд бештар бемор шавем, то онҳо тезтар бой шаванд? Механизми кор чунин аст?

Шояд 60-70% хонандаи мо ҳам хуб медонанд, ки чунин ба назар мерасад, духтурон бо лабораторияҳо, УЗИ-ҳо, ЭКГ-ҳо, дорухонаҳо ва даҳҳо табибони гуногун ким- чи гуна "шартнома" доранд. Зеро тасаввур кунед, ки оё дар асри XXI УЗИ-и як беморхона дигар хел ташхис мекунаду аз дигараш дигар хел нишон медиҳад? Рентген магар ҳамон як чиро акс намекунад? Ваё хуни одам дар ҳар лаборатория таркиби худро дигар мекунад? Не? Пас чаро як духтур ташхиси лабораторияи дигарро қабул намекунад? Чаро ҳар кадомаш ташхисгоҳи худаш хостаро тавсия медиҳад? Даҳ бор УЗИ карда бошӣ ҳам суд надорад, бояд ёздаҳумашро кунӣ! Хунатро аз нав мебинад. Зеро ҳамаи ин пул аст, - мефаҳманд корафтодагон. Ӯ чӣ кор дорад, ки ту бемор ҳастиву ин даводавҳо бароят душворанд. Ӯ кай ғам дорад, ки ту камбағал ҳастӣ. Охир баъзе духтурон кайҳо камбағалиро фаромӯш кардаанд. Дигар чӣ будани камии маошро намедонанд. Эҳсоси раҳму шафқатро чун табиб аз рӯҳу тану ҷону майнаашон батамом канда партофтаанд. Ӯ дигар аз табори ту нест, ӯ тавоност туи бечора! Қасами Гиппократ? Оҳ чӣ қадар аз замона қафо мондаем мо. Ӯ қасам ба Худоро мешиканаду, Гиппократку як одами оддӣ буд, - мегӯем дар ғайбашон таҳаммулпазирона ва бештар бемор мешавем, то ин қабил духтурон бештар бой шаванд.

Духтур дигар парво надорад, ки ту бо ҳамин пули ночизат (маош, нафақа ё хайрияи хешутабор) аз дорухонаи худи ӯ, ё ягон шиносу дӯсташ ё нафаре, ки шояд бо вай пешакӣ маслиҳат кардааст, доруи қалбакиро мехарӣ, ки он хатман ба дарди ту даво намешавад. Барояш муҳим ҳам нест, ки ту сиҳат шавӣ. Зеро ту пациент не, клиент ҳастӣ ва то охири умр бояд вобастаи духтур бошӣ. Ҳар қадар беморият кухна (хроничеський) шавад, ҳамон қадар ту ғуломи ин "табиб" мегардӣ. Магар роҳат нест? Беморон бо як ишоратат тайёранд, ки ҳар коре бихоҳӣ бикунанд. Ба ин тарзи ҳаёт одат кардан бисёр осон аст. Бо ин бартарӣ аз ту, ӯ муқаррар месозад, ки зиндагии минбаъдаи ту чӣ гуна бояд бигзарад, дар вобастагӣ аз дору ё...

Дирӯз ба аёдати дӯсти беморам рафтам, ки як беахамиятии чунин табиб, аниқтараш тарҷумони табиб барои як умр аз ҳар ду чашм маҳрумаш кардааст. Хушбахтона, ё мутаассифона, ӯ дар хориҷи кишвар ҷарроҳӣ шудааст. Вале тарҷумон барояш нагуфтааст ё духтур беларвой кардааст, ки аз парҳези баъди ҷарроҳӣ ӯро огоҳ накардаанд. Баъди ду моҳ, бо андак вайрон кардани парҳез ӯ ба қавле дар як они воҳид куллан оҷиз мегардад. Дигар чизе кӯмакаш намекунад, яъне як инсони ҷавону тануманд, барои умре маъюбу дастнигар мемонаду "ҳеҷ обе сарашро намешӯяд". Ин ҳам далели мизоҷи доимӣ будани мо нест? Мисолҳои бешумори марги маризон бо айби як зумра табибон, маъюб мондан аз бепарвоии онҳо, ё кӯҳнадард (хронический) шудани як бемории оддии табобатшаванда ва умре вобастаи дору мондани одамон ҳазорҳост, вале касе асабҳои хешро хароб карда, пайи ин ноадолатиҳо намегардад.

Дору- бизнес, табиб- бизнесмен, бемор - мизоҷ ва пули меҳнатии хеле ками мардум сарчашмаи хушкнашавандаи бойшавии баъзе гурӯҳҳое, ки бадбахтии одамон бароишон меъёри зиндагӣ шудааст. Мо ҳамоно инро бо рӯҳафтодагӣ, вале ором қабул дорем. Зеро онҳо, ки акнун сарватманданд, ҳар даҳони барои гуфтани сухан кушодашудаеро дарҳол баста метавонанд, ҳатто муҳр мезананд, худи касро гунаҳгор карда метавонанд. Он гурӯҳҳо табиб, лаборатория ва соҳибони технологияи ташхисӣ бо ҳам ошноянд, якдигарро дастгирӣ мекунанд, собит мекунанд, ки бемор худаш гунаҳгор аст, мегӯянд мардум.

Як корманди прокуратура ба дӯсташ аз ниҳоди ҳарбии дигаре шикоят мекунад, вақте ки ин бадбахтӣ бо айби духтурон ба сари худам омаду фарзандам фавтид, хостам мӯйро аз хамир ҷудо кунам. Ба назарам исботаш хеле осон менамуд, вале ба "девори" мустаҳкаме бархӯрдам, ки ба ҷуз ақибнишинӣ роҳи дигаре намонд. Чун кампираки бечорае дуояшон кардам: "Илоҳо, аз фарзандонатон бубинед, зеро ман ҷигарбанд аз даст додам". Шарҳи дигаре зарурат надорад.

Як ҳамсинфам, ки барои табобат ба Ҳиндустон рафта буд, як далели аҷиберо бароям гуфт. Тарҷумони ҳинду, ки худ мусулмон аст, гуфтааст, ки тоҷирони доруворӣҳои кишвари шумо аз кӯчаи виҷдону имон ҳам нагузаштаанд. Барои он ки доруро бо нархи арзон бихаранд, ҳабҳоеро фармоиш медиҳанд, ки танҳо 15%-и он дуруст. Ин амалро гуфтааст, он тарҷумон дар кирдори ягон тоҷири давлатҳои дигар надидаам. Ҳатто вақте пурсидам, ки наметарсед, ки ошкор шавед, посух додаанд, ки: "Всё под контролем, охир, агар ҳамон беморон сиҳат шаванд, бизнеси мо ба охир мерасад", - гуфтаанд онҳо. Ӯ шок шудани худро аз ин посухи тоҷирони мо изҳор дошта гиребон гирифта тавба кардааст.

Як замоне хеши як шиносам дорухонае дошт, ки баъдан аз он даст кашид.

**Ҳатто вақте пурсидам, ки наметарсед, ки ошкор шавед, посух додаанд, ки: "Всё под контролем, охир, агар ҳамон беморон сиҳат шаванд, бизнеси мо ба охир мерасад", - гуфтаанд онҳо. Ӯ шок шудани худро аз ин посухи тоҷирони мо изҳор дошта гиребон гирифта тавба кардааст.**



# БА ГЕНОФОНДИ
# Р МЕРАСОНАД

## БА МАНФИАТИ КИСТ?



Ӯ ба ман гуфта буд, ки ҳар як доруяшро аз ёд медонад. Медонад, ки кадомаш қалбакисту кадомаш не. Илова кард, ки барои доруи асл худатон биёед, то бидиҳаматон, зеро аксар доруҳои дигарон ҳама қалбакиянд. Ман дигар ба аптекаи ӯ нарафтам, зеро нафратам омад. Ку кафолате, ки ман ҳам барояш "клиент"-е беш нестам, Даҳшат? Вале бо воқеияти чандинсола, ки мо дорем тақрибан хӯ гирифтаем.

Маъракае нест, ки дар он перомуни тибу маориф одамон андешаҳои мусбиву манфии хешро изҳор накунанд, зеро зиндагии мардуми оддӣ бештар атрофи ҳаминҳо чарх мезанад. Онҳо тааҷҷуб мекунанд, ки 20-30 сол муқаддам тиб то ин дараҷа тараққӣ накарда буд, вале бемориҳо зудтар ва бештар шифо меёфтанд. Ҳамагӣ чанд доруҳое буданд, ки қариб ҳама онҳоро аз ёд медонистанд ва аз чи гуна таъсир доштанашон ҳам огоҳӣ доштанд. Вале бемориҳо то ин андоза паҳнгашта ва бемуолиҷа набуданд. Имрӯз бо ин ҳама тараққиёти илму техника, технологияи навтарин ва ҳазорҳо доруҳои навкашфшуда чаро шифоёбӣ камтару маргу кӯҳнабеморӣ бештар гаштааст?

Як мисоле аз таҷрибаи худ меорам. Дар Москва барои рафъи дард ба ман ҳаби (таблетка) "Ибуклин" таъин карданд. Баъди 20 дақиқаи хӯрдани як ҳаби он ман то ду рӯзи дигар бедард мегаштам. Чун ба Ватан баргаштам он ҳабҳо тамом шуданд ва ду бори дигар аз дорухонаҳои ин ҷо айнан ҳамон "Ибуклин"-ро харидам. Дору тақрибан баъди як соат дарди маро каме сабук мекард, вале барои чанд соат. Суоле домангирам мегардад, ки як дорусТ, чаро ду хел таъсир дорад? Баъди нақли он дӯстам фаҳмидам, ки гӯё агар дар таркиби ҳаби дорухонаҳои мо 15-20 фоизаш дору бошад, пас вой бар ҳоли меъдаҳои мо, ки мушт-мушт беҳуда бӯру крахмал мехӯрем.

-Дар кишвари мо мегӯянд тибби ройгонро ҳанӯз батамом аз байн набурдаанд. Вале касе ёд дорад, ки доруи ройгони аз кишвари дигар кумакшуда ва ё кадом корашро дар бемористон бе пул анҷом дода бошад?- суол мекунад яке аз ман.

Дар ҳоле, ки бахил (ҷуроби клиёнкагӣ), ки дар тамоми олам ба хотири гигиена, тозагии беморхонаву бемористонҳост "бизнес"-и фаррошон ва шлагбауму таваққуфгоҳи мошинҳо дар беморхонаҳо сарчашмаи даромади даҳҳо одамон аст, мо метавонем орзуи тараҳҳуми баъзе табибонро кунем?

"Саломатии миллат боигарии давлат" шиори қадимаест, ки мо замоне ба он эътимод доштем. Имрӯзҳо ҳам он дар шиорҳо навишта мешавад. Вале садҳову ҳазорон мисолҳои рӯирост ғорат шудани беморон ба хотири табобат, ки сарчашмаи боигарии ҷаллобону қаллобони ин соҳа гаштааст, магар хатар баояндаи миллат надорад? Дорад!

Зеро агар камбағале имрӯз бо сабаби гаронии арзиши дору ва табобат як вируси гузарондаро табобат намекунад, ӯ барои аҳли ҷомеа хатарнок аст. Ё зане, ки аз тангдастӣ даҳҳо бемориҳои хроникии хешро бемуолиҷа мемонад, фарзанде таваллуд мекунад, ки модарзод бемор аст ва ӯ тавассути ирс (ген) ин бемориро ба даҳҳо пушташ интиқол медиҳад.

Миллат - ин чанд нафар тоҷир, псевдодухтур ё доруфурӯш нест. Миллат ин зиёда аз 8 миллион нафар аст.

Мо намехоҳем як ниҳоди масъул ва ё тамоми духтуронро бо ин ҷурм айбдор кунем, вале мутаассифона аз рӯ ба афзоиш ёфтани ин тамоюл низ чашм пӯшида намешавад ва бо ҳамин уммед ҳам менависем, ки ниҳоди масъул аз пайиислоҳи ин мушкилот шавад. Вагарна вазифаи васоити ахбори омма ба мардум дастрас кардани иттилоъ ва ба вуҷуд овардани афкори ҷомеа аст. Акнун ҷомеа ва хоса дастандаркорони соҳаро мебояд, ки фикр кунанд. Шарт нест, ки ном ба ном бигӯем, ки чунин табибон ё савдогарони дору киҳоянд. Ба доно як ишорат гуфтаанд. Ё не?

Шояд хонандаи азиз, не, аниқтараш онҳое, ки ошкоро гуфтани он чизе, ки мавзӯи ғайбати ҳар як маҳфил аст, сахташон мерасад, шояд бигӯянд, ки чаро мисолҳои мушаххастар ё ашхоси гунаҳгорро рӯирост нанавиштааст, муаллиф? Дуруст. Вале шумо ҳам ин ҳамаро медонед, вале чаро теша ба решаи худ мезанеду хомӯшед? Аз хиёнат ба насли имрӯзу оянда бояд тарсид, на аз ошкоро гуфтани дардҳои ҷомеа, ин як. Дуввум ин ки ин вазифаи журналистон нест, ки ҷинояткоронро ошкор кунанд ё касеро ҷазо бидиҳанду ба ҷавобгарӣ бикашанд. Вазифаи рӯзноманигор инъикоси ҳёти ҷомеа аст, ки бархе аз мушкилоти он ин ҷо ба таври умумӣ ёдрас гардид. То масъулинро ба ҷунбиш биёрад. То онҳое, ки масъулияти сиҳатии миллат, саломатии мардум ва ба оянда "мерос" нагузоштани ирсияти беморро доранд, пайи иҷрои вазоифи худ бигарданду биандешанд, ки имрӯз бояд "STOP" гуфт ва аз пагоҳ сар карда барои хиёнат накардан ба касбу вазифаи хеш кореро амалӣ бояд намуд.

Ин чанд лаҳзае, ки онҳоро бо даҳҳо мисолҳои мушаххас "мустаҳкам" кардан мумкин буд, ба он хотир дар чунин шакл иншо ва пешниҳод гардид, ки мову шуморо ба андеша водор кунад. Ба андешаи фардои мо.

Ташхиси саривақтии беморӣ, ё нодуруст муайян кардани он яке аз сарчашмаҳои муолиҷанашаванда боқӣ мондани беморист. Имрӯзҳо чандин лаборатория ё ташхисгоҳҳо бо номҳои шуҳратдошта дар кишварҳои дигар, ба мардум хизмат мерасонанд, ки нархҳои онҳо барои одами оддӣ умуман дастнорасанд. Вале миш-мишҳоест, ки гӯё таҷҳизоти онҳо ҳам ҷавобгӯи талаботи тибби муосир нест. Танҳо нархҳои осмонии онҳо беморро бовар мекунонанд, ки охирин маблағашонро масраф дошта, аз хизмати онҳо истифода кунанд. Баъзе духтурон бошанд, пациент-клиентҳои худро маҳз барои супурдани таҳлилҳо (анализ) ба он ҷоҳо мефиристонанд. Ин ҳам масъалаест, ки бояд мушаххас карда шавад, то хотири одамон ҷамъ бигардад, ки бо сарфи маблағҳои калон ақаллан ташхиси дуруст мешаванд, ё не?

Ин мавзӯъҳо масъалаҳоеанд, ки маблағҳои калони ба хотири ташхис ва табобати дуруст ба хориҷа мебаромадаро шояд ба ватан бармегардонад. Масъалаи дар хориҷа неву дар кишвар табобат гирифтани мансабдорону сарватмандонро Сарвари давлат борҳо таъкид кардаанд. Зеро ин ҳам зарбаи калонест ба буҷаи кишвар. Суоле мардуми оддиро домангир аст, ки моро ҳам ба андеша водор месозад. Агар тибби мо ҳақиқист, табибони мо бовиҷдонанд, ташхисгоҳҳои мо дурусткоранд ва доруҳои мо қалбакӣ нестанд, пас чаро онҳое, ки худро бой ҳисоб мекунанд, имконияте доранд ё дар мақоме ҳастанд ҳатман дар хориҷа табобат мегиранд? Ё тибби мо тибби камбағалон аст ё маризиҳои бечорагон манбаи даромади муфт аст?

Эй кош тибби мо тибби камбағалон мебуд, зеро онҳо дар ҷомеа бештаранду ниёзмандиҳои бештаре ба табибон доранд. Хоса пирону барҷомондагон, ки дигар бе пизишку бе доруву дармон зистанашон ғайриимкон аст, - даст ба дуо мебардорад, холаи Саврӣ, аз дорухона баромада, ки нафақааш барои давои як дардаш ҳам намерасад.

> **Дору тақрибан баъди як соат дарди маро каме сабук мекард, вале барои чанд соат. Суоле домангирам мегардад, ки як дорусТ, чаро ду хел таъсир дорад? Баъди нақли он дӯстам фаҳмидам, ки гӯё агар дар таркиби ҳаби дорухонаҳои мо 15-20 фоизаш дору бошад, пас вой бар ҳоли меъдаҳои мо, ки мушт-мушт беҳуда "дору" мехӯрем. Мо чӣ мехӯрда бошем?**

Вале хола ҳайрон аст, ки дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе ба як мағозаи хӯрокворӣ 3-4 дорухона рост меояду бизнеси ҳамаи онҳо муваффақ аст. Чаро мардуми мо аз ғизо дида бештар дору мехӯранд?

Перомуни бемории мардумӣ шудани чанд навъи касалҳо аз ҷумла бемории қанд ва фишорбаландии кӯдакон (черепное давление), ҷоғар, хасташавии асабҳо, фишорбаландиву бемориҳои қалб ва бемориҳои вирусдор ё гепатитҳо, ки афзояндаву ба таври ҳайратовар паҳн мегарданд, бояд сар ба зонуи андеша гузошт, ки чаро онҳо рӯз аз рӯз бештар мешаванд. Ё ин роҳи дигари бойшавист ё беҳунариву бесаводии бархе аз табибон? Кӣ бояд сари ин чиз андеша кунад? Кӣ бояд таҳлилҳо кунад, пажӯҳишҳо гузаронад, хулосаҳо барорад, ба Ҳукумат барномаҳо пешниҳод кунад. Проектҳои бойшавӣ не, барномаҳои раҳоӣ. Раҳоии миллат, мардум ваояндагон аз хатари таҳдидкунандаи бемориҳои ирсӣ.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

**PS: Ин ҳама аз гуфтаҳои одамони аниқ, мушоҳидаҳои муаллиф ва дар амал дидаҳои ӯ ва онҳо навишта шудааст, вале ин маънои онро надорад, ки ҳамаи табибон бевиҷдону системаи тибби мо пурра аз даст рафтааст. Табибони хубу воқеӣ ҳоло ҳам дар ҷомеа кам нестанд. Ҷомеа низ дар асоси меҳнати ҳалоли онҳо ба пуррагӣ бемор нашудааст. Вале он мушкилоти ин ҷо зикршуда ва боз чандин паҳлуҳои ногуфтаи он воқеан доғҳои зиндагии моанд, ки нозудудани онҳо дар оянда сиёҳиҳои бештаре хоҳанд шуд. Ҳар мушкиле, ки зиндагии моро ноҷӯр месозад, таҳти назорати "Минбари халқ" - рӯзномаи ҲХДТ хоҳад буд. Дар ислоҳи онҳо моро ҳамроҳӣ кунед. Ин минбари шумост, "Минбари халқ" минбар барои ибрози андешаҳои миллист. Ва боз ҳам ин суол матраҳ аст, ки "Саломатии миллат боигарии давлат" бошад, пас "Бемории миллат боигарӣ"-и кист?**

Àз ÈÄ Î ĐÀ: ***Роҳбари Давлат пайваста дар баромадҳои худ роҷеъ ба масоили сиҳатии омма ва ҳифзи генофонди миллӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамоянд. Дар ин замина ҳафтавори мо низ тасмим гирифтааст, ки ба баъзе паҳлӯҳои ин масъалаи муҳим рӯшанӣ андозад ва дар ин росто матлаби мазкурро нашр намуда, омода аст, ки назари мутахассисони варзидаю коршиносонро дар ин хусус инъикос кунад.***

Минбари халқ
2 декабри соли 2015,
№49 (1028)

# ОЯНДАИ МУНОСИБОТИ МАСКАВ ВА АНКАРА НОРӮШАН АСТ

**Ҷасади Олег Пешков, қаҳрамони Русия ва командири ҳавопаймои сарнагуншуда дар марзи Сурия ва Туркия ба намояндагони Вазорати хориҷаи ин кишвар дода шуд. Аҳмад Довутоғлу, сарвазири Туркия гуфт, ҷасади пилоти ҳавопаймои русии СУ-24, ки бо "ташаббуси Туркия" субҳи 29 ноябр ба вилояти марзии Ҳатай оварда шуда буд, аз ин ҷо рӯзи сешанбе, аввали декабр ба Русия фиристода шуд.**

**ТУРКИЯ** ин ҳавопайморо 24 ноябр дар ҳарими ҳавоии Сурия сарнагун карда. Аммо мақомоти Анкара иддао мекунанд, ки ин ҳавопаймо ба ҳушдорҳои такрории нерӯҳои Туркия гӯш надода, ба ҳарими ҳавоии Туркия ворид шуд, ки дар пайи он мавриди ҳамлаи ҳавопаймои қиркунандаи F -16, ки сохти Америка аст, қарор гирифт.

Ду пилоти ҳавопаймо, ки бо чатр аз ҳавопаймо парида буданд, дар ҳаво ҳадафи тири ҷангиёни гурӯҳи исломӣ дар қаламрави Сурия қарор гирифта ва яке кушта шуд. Баъдтар нафаре аз аъзои ин гурӯҳ, ки шаҳрванди Туркия аст, дар ҳузури хабарнигорон худситоӣ кард, ки пилоти русро ӯ куштааст.

Ин ҳодиса, ки боиси сардии равобити Русия ва Туркия шуд, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳам боиси ташвиш гардид ва аз сӯи баъзе аз таҳлилгарон тахмин мешуд, ки мумкин аст, баҳонае барои оғози як ҷанги густурда дар минтақа шавад.

Вазорати корҳои хориҷаи Тоҷикистон ҳодисаи сарнагун кардани ҳавопаймои ҳарбии Русияро, ки дар амалиёти зиддитеррористӣ иштирок мекард, бо андӯҳ қабул намуда, ба хешовандону наздикони хизматчиёни ҳарбии ҳалокшуда изҳори тасаллият кард.

Дар ин изҳорот омадааст, ки "Тоҷикистон бо ҳамраъйӣ, ваҳдат ва дастгирии мутақобил дар мубориза бо терроризм дар сатҳи байналмилалӣ ва ҷавоби маҷмӯӣ ба душмани муштарак-терроризми ҷаҳониро муҳим медонад.

Тоҷикистон ибрози умедворӣ кард, ки ин ҳодиса холисона арзёбӣ шуда, муносибати тезутунди Русия ва Туркия ба эътидол меояд".

Чун дар сиёсат ҳеҷ амале тасодуф нест, баъзеҳо ин ҳодисаро аз қабл тарроҳишуда ва мақсади онро ба ҳар васила пешгирӣ аз нуфузу ҷойгоҳи Русия дар амалиёти зиддитерористӣ дар хоки Сурия медонанд.

Масалан бар асари ин ҳодиса буд, ки сафари Ф. Олланд, президенти Франсия ба Маскав бо натиҷаи андак поён ёфт ва кадом созише дар заминаи эътилофи нави мубориза бо ҷангиёни исломӣ дар Сурия ҳосил нагардид.

Аммо натиҷаи асосии ин рӯйдоди нохуш он буд, ки муносибатҳои то ба ҳол дӯстона ва дар ҳоли тавсиаи Маскав ва Анкара якбора сард шуд.

Ду кишваре, ки дар сатҳи беш аз 34,1 миллиард доллар ҳаҷми равобити тиҷоратӣ доштанд, бо эълони таҳрим ва худдорӣ аз идомаи равобит дар шакли пешин мумкин аст, ба мушкилоте дар ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии худ рӯ ба рӯ шаванд.

Маскав, ки аз ин мизони равобит 24, 9 миллиард доллар содирот ба Туркияро дошт, якбора тасмим қатъи чандин барномаҳои сармоягузорӣ дар Туркияро гирифт.

В.Путин ин иқдоми Туркияро, зарбае аз пушт донист ва хостори аз нав дида баромадани тамоми тарҳҳои ҳамкорӣ бо ин кишвар шуд.Аз байн бурдани низоми бераводид бо Туркия ва қатъи ҳамкорӣ дар бахши туризм, аз ҷумлаи соҳаҳое аст, ки Русия эълони қатъи ҳамкорӣ кард.

Бино ба гузоришҳо фақат дар бахши сайёҳӣ Туркия дар муддати 10 соли гузашта қариб 50 миллиард доллар аз ҳисоби сайёҳони рус даромад кардааст. Аммо дар яке аз ҷаласаҳои ахири Думаи давлатии Русия эълон шуд, ки бинобар дар оғуши терроризм будани Туркия аз сафар ба Туркия худдорӣ шавад.

Ҳамзамон бо ин иқдом кумитаи варзиши Русия ҳам дастур додааст, ки гурӯҳҳои варзишии ин кишвар ба далели паёмади чунин амал эътибор нададанд.

Чунин ба назар мерасад, ки Туркия аз замони вуруди нерӯҳои рус ба Сурия ва ҳамроҳ шудани ин кишвар ба эътилофи зидди террористӣ чандон хуш ҳол набуда ва парвози озоди ҳавопаймоҳои Русияро қабул надорад. Бисёриҳо бар ин ақида ҳастанд, ки Туркия минтақаҳои сарҳадии Сурияро кайҳо ҳамчун қаламрави худ медонад ва дар оянда талош хоҳад кард, ки ба нуфузу ҳузури ҳар кишвари дигар дар ин бахши кишвари ҳамсояааш роҳ надиҳад.

Аз ҳамин минтақа аст, ки нафти арзони Давлати исломӣ ба хоки Туркия ворид ва баъд ба кишварҳои дигар бурда мешавад. Бар асоси гузоришҳо, Туркия ҳар баррел нафти воридшударо ба нархи 20 доллар мехарад, ки аз нархи бозор хеле арзон аст. Дар сурати аз даст додани назорати ин роҳи марзӣ Анкара аз як манбаи дигари даромад маҳрум мешавад.

Бинобар инояндаи муносибатҳои Русия ва Туркия чандон рӯшан нест. Маскав бо ҷиддӣ гирифтани ин буҳрон дар



хатарнок будан аз баргузории давраҳои тамринӣ дар варзишгоҳҳои Анталия худдорӣ кунанд.

Гуфта мешавад, Туркия аз ин ҳисоб ҳам солона қариб сад миллион евро даромад мегирифт.Ҳукумати Русия инчунин ба корхона ва ширкатҳои дохилии кишвар супориш дод, ки аз қабули коргарон ва мутахассисони турк даст кашад. Дар ҳамин ҳол, бисёре аз тоҷикҳое, ки дар қаламрави Русия кор мекунанд, мегӯянд, ки то замони ҳамла ба ҳавопаймо шаҳрвандони Туркия дар хоки ин кишвар вазъияти хеле беҳтар аз шаҳрвандони муҳоҷири воридшуда аз баъзе кишварҳои ИДМ-ро доштанд.

Ҳодисаи зидди ҳавопаймои Русия аз қабл тарҳрезӣ шуда буд?

Рӯзномаи сертиражи "Комсомольская правда" 19 октябр, ё беш аз як моҳ кабл аз ҳодисаи зада афтондани ҳавопаймои ҳарбии Русия хабареро бо такя ба манбаъҳои худ чоп карда буд, ки дар он ҳушдор дода мешуд: Анкара дар хоки Сурия иғвоеро бар зидди нерӯҳои ҳавоии рус тарҳрезӣ мекунад.

Даря Асламова, хабарнигори ин рӯзнома зимни шарҳи ин матлаб ба хабарнигорон изҳор кард, ки ин матлаб он замон бар асоси номаи махфии дастрасшуда аз дӯстони туркиаш таҳия ва нашр шуда буд. Аммо бисёриҳо ин хабарро беасос ва бофтаи хабарнигор хонда, ба моҳҳои наздик аз ҳар гуна равобити расмӣ дар сатҳи баланд худдорӣ хоҳад кард.

Туркия аз иттифоқчиёни Америка ва узви НАТО буда, ҳамзамон сиёсатҳои Анкара дар Сурия аз сӯи Арабистони Саудӣ, Исроил ва бештари кишварҳои Аврупо дастгирӣ меёбад. Аз эҳтимол дур нест, ки дар сурати ҳар навъ иқдоми ҳарбии Маскав Анкара бо ворид кардани нерӯҳояш ба минтақаи марзии Сурия, ки дар чор соли ҷанг дар ин кишвар таҳти назорат дорад, эълони ташкили як минтақаи амнро кунад.

Аз тарафи дигар, Маскав кабл аз он ки иқдоми сахттари ҳарбӣ дар муқобили Анкараро раво бинад, андеша хоҳад кард, ки ҳатто ҳимоят аз ҷараёнҳои ҷудоихоҳи курд ҳам дар хоки Туркия барои оянда чандон натиҷаи қобили қабул нахоҳад дод.

Зеро дар чунин ҳолат, Туркия бо тағйири вазъият боз ҳам аз нерӯҳои ғайрирасмиву тундрави мавҷуд дар Қафқоз ва Осиёи Марказӣ ҳимоят мекунад. Дар ҳоле, ки баъзе аз ин ҷараёнҳо дар ду даҳсолаи баъд аз шикасти Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам аз пуштибоии Анкара бархурдор буданд, вале дар сурати таҳаввулоти дигар ин дастгирӣ бештар ва ошкортар хоҳад шуд.

**Солеҳ АБДУЛАЗИЗ**

## *ПУТИН: ҲАВОПАЙМОИ СУ-24 БАРОИ ТОЗА КАРДАНИ РОҲИ КОЧОҚЧИЁНИ НЕФТ САРНАГУН ШУД*

**Русия бо асос тахмин мекунад, ки сабаби ҳамла ва сарнагунии Су-24 аз сӯи Туркия таъмини бехатарии роҳи қоҷоқи нафт аз Сурия ба Туркия буд.**

**Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин дар ин бора дар поёни конфронси байналмилалии пешгирӣ аз гармшавии иқлим дар Париж бо хабарнигорон суҳбат кард.**

**Бинобар гузориши манбаъҳои расмӣ, президанти Русия тавзеҳ дод, ки иттилоти иловагиеро дар робита ба ин ҳодиса дар ихтиёр дорад, ки нафти аз маҳали таҳти назорати ҷангиёни Давлати исломӣ ва дигар гурӯҳҳои терористӣ бадастомада ба миқдори зиёд ба қаламарви Туркия интиқол мешавад.**

**Ӯ таъкид кард, ки "мо тамоми асосро дорем, тахмин кунем, ки тасмим барои ҳамла ба ҳавопаймои русӣ ва аз байн бурдани он талоше барои таъмини бехатарии роҳи интиқоли нафт ба Туркия гирифта шудааст. Қочоқчиён нафти Сурияро, ба бандарҳои Туркия мекашонанд ва аз ин ҷо бо танкерҳо ба кишварҳои дигар содирот мешавад. Даъвои ҳимоят аз туркманҳо бошад, танҳо баҳона асту бас".**

**Президенти Русия гуфт, дар дидор ва суҳбатҳо бо ҳамтоёнаш, ки дар ҷараёни ин ҳамоиш дошт, бар ин нукта ишора карданд, ки зарурате барои ҳамла ва аз байн бурдани ҳавопаймо набуд, зеро ин ҳавопаймои беҳимояти бомбаафкан холӣ буд ва ба амнияти Туркия ҳеҷ таҳдид намекард.**

**Ин мақоми олии Русия таъкид кард, ки "Мо ин суханонро ҳам аз мақомоти турк шунидем, ки тасмими ҳамла ба ҳавопаймои Русияро Президенти Туркия не, балки шахсони дигар гирифтаанд. Барои мо ҳоло ин бисёр муҳим нест. Муҳим ин аст, ки дар натиҷаи ин амали ҷиноӣ ду ҳарбии мо: командири экипажи ҳавопаймо ва як сарбози қувваҳои баҳрӣ, ки шомили гурӯҳи наҷот буд, кушта шуданд. Тарроҳони ҷиноят ҷавоби амали худро бояд диҳанд. "**

## *НАЗАРБОЕВ ВА АЛИЕВ РУСИЯВУ ТУРКИЯРО ОШТӢ МЕДИҲАНД?*

**Президентҳои Қазоқистону Озарбойҷон пешниҳод намудаанд, ки барои раҳоӣ аз буҳрон дар муносиботи Маскав ва Анкара бояд аз роҳҳои муассир истифода шавад.**

**Ба ақидаи Н.Назарбоев ва И.Алиев, ин буҳрон, ки дар пайи сарнагун шудани ҳавопаймои бомбаафкани Су-24 Русия аз сӯи ҳавопаймои қиркунандаи Туркия пеш омадааст, ба амният ва суботи тамоми минтақа таҳдид хоҳад кард.**

**Хабаргузориҳо бо баёни ин матлаб афзудаанд, ки аз ҷумла президенти Қазоқистон пешниҳод намудааст: "Ҷиҳати таҳқиқи ин ҳодиса ибтидо комиссияи босалоҳияти ду кишвар ташкил бояд шавад, то иддаоҳои ҳар ду тарафро дақиқ бисанҷад. Ин комиссия ҳарчӣ зуд, сабабҳои рух додани ҳодисаро бозрасӣ кунад. Бар асоси хулосаи комиссия шахсони гунаҳкор бояд ҷазо гиранд. Тарафи гунаҳкор ба гуноҳи худ иқрор кунад ва муносибатҳои дуҷониба аз сар гирифта шавад.**

**Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев, омодагии худро барои нақши миёнравӣ байни Анкара ва Маскав дар дидори худ бо вазири корҳои хориҷаи Туркия М.Чавушоғлу рӯзи ҷумъаи гузашта дар Боку эълон кард.**

**Озарбойҷон ва Қазоқистон ду кишвари аъзои Иттиҳоди кишварҳои туркзабон буда ва бо Русия ҳамсарҳад мебошанд.**

**Ин кишварҳо инчунин равобити наздики сиёсиву тиҷоратӣ бо Русия доранд.**

**Ҳарчанд синнам ба 85 расида бошад ҳам, шукри Худо бе айнак китобу рӯзнома мехонам. Қариб 30 сол ҳамчун хаткашон дар шуъбаи алоқаи Ҷавонони ноҳияи Ҳисор адои вазифа намудаам. Аз ин рӯ, то ҳол ба хондани рӯзномаҳо шавқ дорам. Дар шумораи №46-и рӯзномаи "Минбари халқ" мусоҳибаи хабарнигори "Азия-плюс" Зебо Тоҷибоева бо муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Саидмурод Фаттоҳзода чоп шуда буд. С. Фаттоҳзода дар мусоҳибааш гуфтааст, ки "бояд мо мухолифи идеологияи радикалии Ислом ва атеизми ҷанговар бошем".**

# СУЛҲ КАРДАН ЯК ШУЪБАИ НУБУВВАТ АСТ

**ВОҚЕАН,** ин ҳарду барои ҷомеа хатарноканд. Атеизми ҷанговар дар солҳои сиюми асри XX боиси нобуд шудани ҳазорҳо ҷилд китобҳои илмию адабӣ, динию ахлоқӣ ва зиндонию бадарғашавии олимону равшанфикрони миллати мо гашта буд. Ман соли 2009 барои аёдати амаку аммаам, ки беш аз 70 сол ҳамдигарро надида будем, ба Афғонистон рафтам. Деҳоти он ба Тоҷикистони солҳои 40-50-уми асри гузашта шабоҳат дошт. Хонаҳои похсагии бе шифер, роҳҳои байнидеҳаҳо лой (бе сангфарш), хонаҳо бебарқ. Мактаб дар 7-8 деҳа якто. Аксар мардум на саводи динӣ доранду на дунявӣ. Зеро кашмакашу гурӯҳбозиҳои силоҳбадастон имкон намедиҳад, ки мардум бо хотири осуда фарзандонашонро ба мактаб гузоранд. Аз тарси "Толибон" муаллимон ҳам касби худро дигар кардаанд. Мардум ҳамеша дар ташвиш, ки мабодо дар бозор, масҷид ва ё мактаб таркиш нашавад. Бисёриҳо баъди суҳбат рӯирост ба мо мегуфтанд, ки **"ҳарчанд Шумо 70 сол зери султаи шӯравӣ будед, лекин мебинем, ки нисбат ба мо дар аҳкоми шариат олимтар ҳастед".**

Мардуми Афғонистон аксарият дар мазҳаби Имоми Аъзам раҳматуллоҳу алайҳ ва ҳазораҳо пайрави мазҳаби шиаву як қисмати Бадахшон пайрави исмоилия ҳастанд. Садсолаҳо пайравони ин мазҳабҳо канори ҳам дӯстона зиндагӣ мекарданд. Баъд аз он ки бо дахолати кишварҳои хориҷӣ дар Афғонистон миёни гурӯҳу ҳизбҳои ин кишвар мубориза авҷ гирифт, ҳар ҳизб номи "Ислом"-ро дар худ часпонида, мехост тарафдоронашро зиёд кунад. Вале ягонтои ин ҳизбҳо зиндагии мардуми Афғонистонро беҳ накард, саводашонро зиёд нанамуд, сулҳу амонӣ наовард. Танҳо исломро бадном карданду мусулмононро дар бисёр кишварҳо хиҷолатзада сохтанд. Инро С. Фаттоҳзода низ таъкид кардааст: **"Имрӯз мебинем, ки дар тамоми дунё зуҳуроти исломбадбинӣ доман паҳн карда истодааст".**

Дар Афғонистон мардум ба тинҷию осоиштагии Тоҷикистон ҳавас мекарданд. Ман барои 1 моҳ раводид гирифта будам, вале аз як ҳафта зиёд дар Афғонистон истода натавонистa, ба Тоҷикистони азиз баргаштам. Ин тинҷиву осудагии ватанамонро ба ягон чиз баробар намекунам. Худованди Карим дар Қуръони Маҷид фармудааст: **"Вас сулҳу хайр"** (Сулҳ беҳтар аст). Он ҷое, ки сулҳ аст, ибодат бо ҳузури дил, бидуни тарсу изтироб сурат мегирад. Сулҳ бошад барои илм омӯхтан шароит фароҳам меоряд. Дар ҷое, ки ҷанг аст, на масҷид обод асту на мадраса. Шайх Фаридуддини Аттори Валӣ мефармояд:

*Бо тани фориғ чу бошӣ*
*тандуруст,*
*Дигар аз дунё набояд*
*ҳеҷ ҷуст.*

С.Фаттоҳзода дар идомаи суҳбат дуруст таъкид намудааст: **"Ба андешаи ман Ислом ҳамчун таълимоти ахлоқӣ, ки талқинкунандаи принсипҳои волои ахлоқӣ мебошад, ба мардум таъсири бузург мерасонад. Чаро мо ин нерӯро барои тарбияи ҷавонон истифода намекунем?".**



4 МАВЗӮИ РӮЗ

МО МУҚОБИЛИ ИСЛОМИ РАДИКАЛӢ ВА АТЕИЗМИ ҶАНГОВАР ҲАСТЕМ

Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, собиқ мушовири давлатии Президент Саидмурод Фаттоҳзода зимни як мусоҳиба бо мухбири нашрияи "Азия плюс" дар бораи сиёсишавии ислом ва оқибатҳои он, дигаргуниҳои назариёти Нурӣ, ришу ҳиҷоб, хиёнати Ҳоҷӣ Ҳалим, собиқ кумондони ОМОН ва дигар масъалаҳои муҳими рӯз ибрози назар намуд.

Худованди Таборак ва Таъоло дар сураи "Тавба" ояти 71 мефармояд: **"Мардони боимон ва занони боимон миёни ҳам дӯст ҳастанд. Онҳо ҳамдигарро амри маъруф (ба корҳои нек амр) мекунанд ва аз бадӣ манъ менамоянд".**

Ҳар кадоми мо, ки худро муъмин мешуморем, бояд нисбат ба тақдири ҳамдигар бепарво набошем. Ҳамдигарро ба кори нек даъват кунем, дар кори нек ба якдигар мадад расонем ва аз корҳои бад, гуноҳ ва ҷиноят якдигарро манъ намоем. Бисёр вақт аз телевизион мебинем, аз радио мешунавем ва аз рӯзномаҳо мехонем, ки иддае аз ҷавонони аз Ислом ноогоҳ ба Сурия гӯё ба ҷиҳод рафтаанд. Онҳо бо кӣ ҷиҳод мекунанд? Ман соли 1996 тавассути Эрон, Туркия, Сурия ва Урдун ба ҳаҷ рафта будам. Сурия як кишвари обод, мардумаш меҳрубону меҳмондӯст ва меҳнатӣ буд. Садҳо сол шиаву суннӣ, насрониву эзидӣ, арабу форс, курду туркман дар як кишвари ором зиндагӣ мекарданд. Бо дахолати кишварҳои бегона гурӯҳҳои зиёди ифротию террористӣ ба ин сарзамини бостонӣ ворид шуда, зиндагии осудаи суриягиҳоро ба мотам табдил доданд. Мардуми қатории Сурия ҳазорон бор аз чунин ҳомиёни дину "ҷиҳодчиён"-и бемазҳаб безор аст. Акнун солҳои зиёд лозим аст, ки дар ин сарзамин осоиштагӣ ҳукмфармо шаваду мардум нафаси осуда кашад. Чандин шаҳрвандони ҷавони кишвари мо низ мутаассифона, қурбони ин дасисаҳо шуда, падару модари пир ва зану фарзандонро монда, дар Сурия бе ному нишон гаштанд. Агар онҳо Исломро аз ашхоси бемазҳаб нею назди олимони ҳақиқӣ меомӯхтанд, ба чунин роҳи хато намерафтанд. Аз ҳазрати Абдуллоҳ ибни Умар (р) нақл аст, ки шахсе назди Расули Худо (с) омада, арз намуд:-Ё Расулуллоҳ (с), ман иродаи ҷиҳод дорам.

Он ҳазрат (с) пурсиданд:-Падару модарат зиндаанд?

Ӯ ҷавоб дод: -Бале, зиндаанд.

Расулуллоҳ (с) фармуданд:-Дар риояи ҳаққи онҳо ҷиҳод (кӯшиш, ҷидду ҷаҳд) кун.

Шайх Абуллайси Самарқандӣ (р) мефармоянд: **"Аз ин ҳадис маълум гардид, ки хизмати падару модар аз ҷиҳод афзалту беҳтар аст. Зеро ҷавоби Расули Худо (с) бароят хукм дод, ки ҷиҳодро тарк кунад ва хидмати падару модарро намояд".**

Дигар ин ки ин гурӯҳҳои силоҳбадаст чӣ дар Афғонистон ва чӣ дар Ироқу Сурия нисбат ба мардуми бе силоҳ зулм мекунанд ва зулм дар ислом гуноҳи кабира ба ҳисоб меравад. Аз ҳазрати Абубакри Варроқ раҳматуллоҳи алайҳ нақл шудааст, ки **"зулм кардан бар бандагони Худованд аксаран имонро аз қалби муъмин берун мекунад".**

Ҳазрати Муҳаммад (с) фармуданд, ки **"аз Худованд битарсед! Як муъмин бар муъмини дигар зулм накунад! Агар ин корро кардед, мазлум рӯзи қиёмат аз золим бадал (иваз) хоҳад гирифт".**

С. Фаттоҳзода дар мусоҳибаи худ инчунин аз хизматҳои Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи истиқрори сулҳ ёдовар шуда, таъкид намудааст, ки пешвоёни дигари Осиёи Марказӣ мамлакати худро аз рӯи мерос гирифтаанд. Аммо Эмомалӣ Раҳмон дар даврае роҳбарии кишварро ба ӯҳда гирифт, ки ба мамлакат аз бесоҳибӣ хавфи парокандашавӣ таҳдид мекард. Гурӯҳҳои силоҳбадаст аз беҳокимиятӣ истифода бурда, дуздию ғоратгарӣ менамуданд. Эмомалӣ Раҳмон гузаштҳои зиёд карда, ба барқарории сулҳ ва тинҷии мамлакат ноил гардид. Ин хизмати бузурге дар назди миллат аст. Дар китоби "Танбеҳул ғофилин"-и Шайх Абуллайси Самарқандӣ ин ҳадиси Расули Акрам (с) зикр шудааст: **"Сулҳ кардан миёни мардум шуъбае аз шуъбаҳои нубувват мебошад. Мардумро ба сӯи ҷанг кардан тарғиб додан бошад аз ҷодугарӣ аст".** Дар ҳадиси дигар омадааст: **"Назди Худованд беҳтарин аҷр (савоб) барои касе аст, ки фоидаи вай ба мардум мерасад. Ва қурбат (наздик будан) ба Худованд рӯзи Қиёмат барои касе ҳосил мешавад, ки миёни мардум сулҳ мекунад".**

Боре ҳазрати Муҳаммад (с) аз саҳобагон пурсиданд: **"Оё бароятон як садақаи осонро нишон надиҳам, ки писандидаи Худои таъоло низ ҳаст?"**

Саҳобагон арз намуданд, ки "Ҳатман нишон диҳед, эй Расули Худо (с)."

Ҳазрати Муҳаммад (с) фармуданд: - Он садақа ин аст, ки ҳар гоҳ мардум миёни худ робитаро қатъ кунанд (қаҳрию ҷангӣ бошанд), пас миёни онҳо сулҳ кунад.

Яъне, миёни ду ҷангӣ сулҳ кардан ба қавли Расули Худо (с) садақаи осонтарин маҳсуб меёфтааст. Солҳост, ки мардуми Афғонистон, Ироқ, Сурия, Либия, Нигерия орзу доранд, ки дигар садои тирпаррониро нашунаванд. Вале роҳбарони кишваронашон бо гурӯҳҳои мухолифи ин кишварҳо ҳеҷ забон намеёбанд. Аз ин рӯ, аз касофати ҷанг ҳазорон кӯдакон ятим, ҳазорон занон беваю ҳазорон падару модар мотамзада мешаванд. Пас моро лозим аст, ки бо Сардори сулҳдӯстамон ифтихор дошта бошем ва шукри фазои сулҳу осудагиамонро кунем. Ба кадом неъмате, ки бандагон шукр кунанд, Худованд он неъматро ба онҳо бардавом мегардонад.



Ҳоҷӣ Наҷмиддини **СУННАТУЛЛОҲ,**
*сокини деҳаи Муъминободи ноҳияи Ҳисор*

# МАВЗӮИ РУШДИ МАҲАЛ ДАР МЕҲВАРИ БАҲС

**Тақвияти ташаккули механизмҳои татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар як конфронси ҷумҳуриявӣ дар шаҳри Душанбе мавриди баҳс қарор гирифт. Дар ин нишаст, ки 25 ноябр дар толори бузурги Китобхонаи миллии Тоҷикистон таҳти номи "Роҳҳои татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" доир гардид, роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ширкат карданд.**

**З**ИМНИ баррасии ин мавзӯъ мақсаду вазифаҳо, асосҳои сиёсию ташкилӣ ва ҳуқуқии такмили идораи рушди маҳал, механизм ва марҳилаҳои асосии татбиқи Консепсияи идораи рушди маҳал ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба роҳҳои иҷрои он мавриди баҳс қарор гирифт.

Қосим Роҳбар, раиси Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни муаррифии меҳмонон ва масъалаҳои мавриди баҳси ин нишаст қайд кард, ки дар конфронс қадамҳои минбаъда оид ба тақвияти ташаккули механизмҳои татбиқи Консепсия ва пайдарпай амалӣ намудани онҳо муҳокима шуда, дар мавриди иҷрои он дар маърӯзаю баромадҳои иштирокчиёни чорабинӣ табодули назар мешавад.




Вай баргузории чунин як нишастро, ки дар ҳамкорӣ бо намояндагиҳои Бонки ҷаҳонӣ ва Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид доир шудааст, иқдоми муҳим барои фароҳам кардани заминаи рушди устувори маҳалҳо донист.

Дар конфаронс бо ишора ба нақши Намояндагиҳои Иттиҳоди Аврупо, Бонки Рушди Осиё, Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID),Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ), ташкилоти (OXFAM) ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, Вазорати Британияи Кабир оид ба ҳамкории байналмилалӣ (DFID), Созмони Швейтсария оид ба ҳамкории байналмилалӣ, Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA), Барномаи умумиҷаҳонии ғизо (WFP), Фонди Оғохон таъкид шуд, ки дар солҳои ҳамкорӣ бо мадади ин ниҳодҳо ҷиҳати рушди бунёдии идораи маҳаллӣ, тақвияти асосҳои молиявию иқтисодии ҷамоатҳо, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо дар мақомоти маҳаллӣ барномаҳои зиёд амалӣ шуда истодаанд, ки дар раванди рушди миллӣ таъсири амиқ доранд.

Дар ин конфронс, ки бо ибтикори Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуд, мақомоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, вазоратҳои молия, иқтисод ва савдо, Бонки Рушди Осиё, раисону муовинони вилоятҳо, мақомоти бархе аз ноҳия ва шаҳрҳо, ҷамоату шаҳракҳои кишвар низ суханронӣ ва дар робита ба масъалаҳои ҳалталаб изҳори назар намуданд.

Аз ҷумла дар баромади Зоҳидзода Даврони Абдуқодир, раиси шаҳри Исфараи вилояти Суғд, дар мавзӯи "Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва болоравии сифати хидматрасониҳои давлатӣ", Нуралӣ Риоев, муовини раиси ВМКБ дар бораи "Натиҷаи таъсиси кумитаҳои маҳал дар маркази вилоят ва рушди ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ", баромади Амрулло Асадулло, раиси шаҳри Қӯрғонтеппа дар мавзӯи "Зарурати тақсимоти марзию маъмурӣ ҷиҳати такмили идоракунӣ" ва гузориши Қаҳҳорбек Ҳасанзода, раиси ҷамоати шаҳраки Ёвони вилояти Хатлон дар робита ба "Таъминоти молиявии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" нуктои муҳиме дар заминаи такмили паҳлуҳои мавзӯъ ва масъалаҳои мавриди баҳс бозтоб шуд.

Лозим ба зикр аст, ки ҳоло дар Тоҷикистон 429 ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мавҷуд буда ва дар онон 3649 хидматчиёни давлатӣ фаъолият доранд.

**Солеҳ АБУЛАЗИЗ**

**Созандагони Ватан**

# РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ҶАВОНОН АЗ ШОМИЛШАВӢ БА ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ

Бо ташаббуси Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон таҳти унвони "Омилҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз он" бо ҳузури донишҷӯён ва омӯзгорони Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон мизи мудаввар баргузор гардид.

Дар кори мизи мудаввар роҳбари ТҶҶ "Созандагони Ватан" Абдулло Раҳмонзода, коршиноси масоили мазҳабӣ ва динии ҷумҳурӣ Сайдаҳмад Қаландаров, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Аҳмадҷон Ализода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Қӯрғонтеппа Таваккал Наҷидуллоев, ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар вилоят Хайрулло Назаров иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар чорабинӣ зикр шуд, ки имрӯз гаравидани ҷавонон, мутаассифона шомилшавии занону духтарон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, пуштибонӣ аз ҳар гуна мазҳабу равияҳо ба назар мерасанд.

Терроризм ва экстремизм вирди забонҳост ва ҷаҳонро имрӯз такон медиҳад. Вобаста ба рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ин хатар ба амният ва суботи сиёсии ҳар як кишвар метавонад таъсири манфии худро расонад.

Аҳмадҷон Ализода иброз намуд, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як баромадаш таъкид менамояд, ки бояд насли ҷавон фарогири таълиму тарбияи босифат гардида, пешгирии гаравидани онҳо ба ҳизбу ҳарактҳои хатарноки ифротгаро дар маркази таваҷҷуҳи падару модарон, омӯзгорон ва тамоми аҳли ҷомеа қарор дошта бошад.

Сайдаҳмад Қаландаров оид ба "Ифротгароии динӣ аз назари Исломи асил" маърӯза кард. Ба иштирокчиён маънои ифротгароӣ, ҷиҳод, салафиҳо, мазҳабҳои диниро бо ифодаҳои содда фаҳмонида дод.

Нимаи дуюми рӯз чунин мизи мудаввар дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав бо иштироки устодон ва донишҷӯёни фаъол баргузор шуд .

Иштирокдорони ҷамъомад оид ба масъалаҳои муҳокимашаванда фикру андешаҳои худро озодона иброз ва аз ташкилкунандагон барои баргузории ин чорабинӣ арзи сипос намуданд.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ диплом ва тухфаҳои таъсиснамудаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Қӯрғонтеппа ба ғолибони озмуни сиёсиву фарҳангии "Зарифон" дар фазои тантанавӣ супорида шуд.

*hamsafon.tj*

**Адолат**

***Нашрияи "Минбари халқ" дар шумораи №42 (917) аз 17 октяри соли 2013 таҳти унвони "Баҳси бозори Мискинобод" матлаберо ба нашр расонида буд, ки дар он як гурӯҳ соҳибкорон аз нақзи ҳуқуқҳои хеш шикоят мекарданд. Ниҳоят Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баҳси онҳо хотима гузошт.***

# «БОЗОРИ 249 СОМОНА» БА ХОҶАГӢ БАРГАРДОНИДА ШУД

23-юми ноябри соли равон суди мазкур бо бекор кардани протоколҳои музояда ва қарори ҳукумати ноҳияи Файзобод парки автомобилии хоҷагии давлатии ба номи А. Назировро, ки ҳудуди 2га заминро ташкил медиҳад, аз хоҷагии деҳқонии "Аҳмад Шариф" гирифта, ба мувозинати хоҷагии давлатӣ баргардонд.

Дар рафти мурофиаи судӣ исбот шуд, ки соли 2001 бо қарори ҳукумати ноҳияи Файзобод таҳти №46 парки автомобилии хоҷагии давлатии тухмипарварии ба номи Абдулвоҳид Назиров, воқеъ дар ҷамоати деҳоти Мискинобод ба сокини маҳал Аҳмад Шарипов фурӯхта шуд. Хариду фурӯши амволи хоҷагии давлатиро миёни худ се хешу табори наздик, ки мансабдор буданд, тариқи музояда баргузор карданд.

Падари ду мансабдор парки автомобилӣ ё гаражи совхоз иборат аз 700 метр девори сангии баланд бударо, ки дар ҳудуди тақрибан 2 га замин анбор ва боксҳо дошт, ба нархи 249 сомонӣ харида ба бозор табдил дод. Суд маълум кард, ки "музояда" бе чопи эълон дар нашрияҳо, бе пешниҳоди лоту ширкати рақиб баргузор шуда, ҳатто шартномаи хариду фурӯши амволи давлатӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, баста нашудааст. Зиёда аз ин, тибқи Қарори Ҳукумати Тоҷикистон ин гуна иншооти хоҷагии давлатии тухмипарварӣ бояд фурӯхта нашаванд.

Ба ин нигоҳ накарда, аз соли 2002 дар ҳудуди гараж бозори хоҷагии деҳқонии "Аҳмад Шариф" ташкил шудааст, вале ягон ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда надоштааст. Ҳарчанд даҳ соҳибкор бо иҷозати маъмурияти бозор ва пардохти аз 2 то 7 ҳазор доллари ИМА ба роҳбарияти бозор, аз ҳисоби маблағҳои худашон мағозаҳо бунёд карданду чанд ҷои гараж бозсозӣ шудааст, то рӯзи мурофиаи охирин ягон иншооти дохили бозор ҳуҷҷати меъморӣ надоштаанд. Худи бозори беҳуҷҷат бо қарори собиқ раиси ноҳия Имомназар Каримиён фаъолият дошт. Соҳибмулкони бозор мунтазам аз соҳибкорон иҷорапулӣ ситонида, ҳар сол нархро боло мебурдаанд. Гоҳе ҳам дарҳои бозорро ба рӯи соҳибмағозаҳо мебастаанд.

Аз ин ҳуқуқпоймолкуниҳо соҳибкорон Бахтиёр Нуралиев, Абдулмаҷид Одинаев, Амин Нуралиев ва Раҷабмурод Раҳмонов ба дод омада, ба Суди Олии иқтисодӣ шикоят бурданд. Баҳси судӣ ҳудуди ду сол идома дошта, ба фоидаи соҳибкорон, ки эътирофи ҳуқуқи моликиятташонро мехостанд, ҳал шуд.

Бахтиёр Нуралиев, аз соҳибкорони бозор мегӯяд, ки "миёни мо ва моликони бозор баҳси моликият ва иҷора ба миён омад. Онҳо дар ҳудуди бозор барои мо - соҳибкорон бо гирифтани маблағ 0,02 га замин дода буданд. Ба ивази доллар, албатта. Дар он мағоза бунёд кардем. Соҳибони бозор ваъда дода буданд, ки дар асоси ҳуҷҷат мағозаҳоро ба номи мо мекунанд. Аммо беаҳдӣ карданду аз ҳуҷҷат кардани мағозаҳо саркашӣ намуданд. Дарбандӣ карданду иҷорапулӣ талаб карданд. Ҳама иҷорапулӣ доданд, ҳатто шарикони ман ҳам, аммо ман надодам. Баъди ин мо ба суд шикоят бурдем".

Бино ба гуфтаи ин соҳибкор дар рафти баҳсҳои судӣ исбот шудааст, ки мансабдорон ба таври ғайриқонунӣ парки автомобилии хоҷагиро аз худ карда, ба бозор табдил дода, пули муфт ба даст овардаанд. Ин ҳам дар ҳолест, ки худи хоҷагии давлатӣ мушкилоти зиёде дорад.

Суди Олии иқтисодии Тоҷикистон қарор ва протоколи музоядаи баргузорнашударо бекор карда, замин ва иншоотро дубора ба давлат баргардонд.

Бахтиёр Нуралиев мегӯяд, "шукри Худованд ва қонун, ки ҳақиқат ғалаба кард, аммо ман ҳайронам, ки чаро дар ин 10-12 сол чор роҳбари хоҷагӣ иваз шуду ягон нафарашон кӯшиши баргардонидани моликияти давлатиро накарданд?! Охир ин хоҷагӣ калонтарин корхонаи обод дар ин мавзеъ буду дар сохтану обод кардани он ҳама мардони деҳоти атроф саҳм доштанд. Чи хел мешудааст, ки меҳнати ҳазорон нафар ва чанд наслро ба 249 сомонӣ фурӯшанду мақомоти масъул ҷиноятро ошкор накунанд?!

Ҷониби дигар ба баҳс ҳозир нашуданд, ки дар ин бора суҳбат кунанд. Ба суоли ин ки "Оиндаи гараж ё дақиқтараш бозор чӣ мешавад?", Эмом Насриддинов - раиси кунунии хоҷагии давлатии ба номи А. Назиров гуфт: "Бо ба даст гирифтани ҳалномаи судӣ ва риояи дигар муқаррароти қонунӣ иншоот ба мувозинати хоҷагии давлатӣ баргардонида шуда, шӯрои коллективи меҳнатӣ тасмими ниҳоӣ хоҳад гирифт. Мо бар он ҳастем, ки қисме аз гараж барои заруратҳои хоҷагӣ истифода шуда, қисми дигараш ҷои савдо боқӣ монаду даромадаш ба фоидаи давлат равона гардад".

**Бахтиёри МУМИН**

# ТАВБАФАРМОЁН ЧАРО ХУД ТАВБА КАМТАР МЕКУНАНД?

**Дар таърихи тамаддуни мардумони эронтабор, хоссатан тоҷикон ҳакимону адибон ва мутафаккирони пешин бо осори гаронбаҳои хеш дар ташаккул ва таҳаввули ҷаҳонбинии миллат нақши бориз гузоштаанд. Онҳо бо офариниши асарҳои бегазанди худ дар тарбияи ахлоқии ҷомеа ва равнақ бахшидани фазилатҳову арзишҳои волои инсонӣ саҳмгузор буда, тавонистанд бо ашъор ва андарзномаҳои худ инсонҳоро ба роҳи адлу инсоф, саховату мардонагӣ ва ҷавонмардиву ростқавлӣ раҳнамун созанд.**



**ТАҲЛИЛУ** баррасии осори ин родмардони андеша аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо ҳамчун ҳакимони воқеӣ на танҳо аз илмҳои дунявӣ ва динӣ бохабар буданд, балки моҳияту асл ва ҷойгову мақоми динро нисбат ба зоҳидону воизон ва муллоҳои камсаводу суфиёни бетақво хеле хуб медонистанд. Ин бузургон дар таълифоти худ дар баробари масъалаҳои панду насиҳатӣ ба масъалаҳои ҳаҷву масхара ва танқиди рӯзгори фиребанда ва хурофотпарастонаи руҳониён ва муллоҳои камсаводу дунёпараст рӯй оварда, онҳоро зери тозиёнаи танқид қарор доданд. Саъдии Шерозӣ яке аз аввалин шоироне буд, ки ҳаёти риёкорона ва мунофиқонаи шайху зоҳидон ва воизону муллоҳоро дар навиштаҳои худ нишон дод. Баъдан Амир Хусрави Деҳлавӣ, Сайфи Фарғонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва даҳҳо тан аз шоирону ҳакимони дигар ин раванди пандноманависии Саъдиро давом доданд. Дар баробари ин аз номи ин бузургон "ҳикоёти мутоибавӣ" низ боқӣ мондаанд, ки онҳо дар байни мардум хеле инкишоф ёфта, аз даҳон ба даҳон, аз аср ба аср мегузаштанд. Мисоли равшани ин ҳикояти мутоибавии "Боз пиндорам туӣ" шуда метавонад. Мувофиқи ин ҳикоят Абдураҳмони Ҷомӣ дар маҳфили шоирон ғазалеро мехонад, ки матлааш ин аст:

***Баски дар ҷони фигору ҷисми
беморам туӣ,
Ҳар кӣ пайдо мешавад аз дур,
пиндорам туӣ.***

Яке аз шайхзодаҳои шаҳр, ки холӣ аз балоғат набуд ва даъвои шеъру шоирӣ мекард, бар матлаи ғазали Ҷомӣ эътироз карда гуфт:

-Ҷаноби Мавлоно! Шумо дар ин матлаъ фармудаед: "Ҳар ки пайдо мешавад аз дур, пиндорам туӣ". Агар харе ё гове пайдо шавад?

Ҷомӣ дар ҷавоб меорад, ки "Боз пиндорам туӣ".

Ба ибораи дигар Ҷомӣ дар ин ҳикоя бо як маҳорати баланди ҳозирҷавобӣ шайхзодаро ба хару гов ташбеҳ додааст. Ин гуна монандкуниҳо, ки бо истифода аз мафҳумҳои духура ва ҳунари ҳозирҷавобӣ сурат гирифтааст, хеле моҳирона баён гардидааст, ки ҳатто шайхзода ба асли маънии он сарфаҳм нарафтааст.

**Дар ҳикояти дигаре омадааст:**

"Қозии вилояти Ғур, ки марди сиёҳчурда, пашмин, фарбеҳ ва бадшакл буд, муддате ҷиҳати кифояти муҳиммот дар Ҳирот маътал монд. Рӯзе ӯ ба назди Мавлоно Ҷомӣ омад ва Мавлоно ба ӯ гуфт:

-Шумо дар шаҳри мо муддати зиёд маътал мондед ва чаро ба вилояти худ барнамегардед?

Қозӣ гуфт:

-Дар вилояти мо хук бисёр шуда ва аз ин хотир боз муддате чанд дар шаҳри шумо маътал хоҳам монд:

Ҷомӣ гуфт:

-Аз замоне, ки шумо ба шаҳри мо омадед, шояд хук кам шуда бошад.

Чӣ тавре ки аз муҳтавои ҳикояти дуввум бармеояд, дар он Ҷомӣ бо як тарзи хеле нозуки тамасхуру истеҳзои пардапӯшона рақиби ҳақири худро, ки танҳо ба танпарастӣ дода шудааст ба "хук" монанд месозад.

Мирзо Абулқодир Бедил низ бо истифода аз санъати бузурги баён шайхонеро, ки ҳамеша ба мардумфиребӣ ва худситоӣ машғул буданд, хеле нозукбинона ба "хар" ташбеҳ додааст:

***Ҷуз хориҷи маъкус мадон
ришу фаши шайх,
Одам харие карду думу ёл баровард.***

Ва ё аз беимонии ин қавм, ки худро мусулмон меҳисобиданду, вале фарсахҳо аз он дур буданд менолид:

***Бедил, имрӯз дар мусалмонон,
Ҳама чиз ҳаст, лек имон нест.***

Бузургони гузаштаамон ҳамеша дунёпарастӣ ва риёкориву ҷоҳталабии муллоҳову зоҳидонро мавриди мазамат қарор дода, дар симои онҳо шахсони аз асли донишу маърифат дур, авомфиребу найрангбоз ва холӣ аз маърифату фазилат медонистанд. Алишер Навоӣ доир ба чунин зоҳидони худбин овардааст:

***Ё раб, ин зоҳиди
худбин, ки нашуд қобили файз,
Акс аз ҷом дар оинаи идрок андоз.***

Риё ва риёкорӣ, ки аз ҷавҳари маҳрум аз фазилату маърифати муллоҳои ҳасуд ва дурӯя сарчашма мегиранд, ҳамчун разилатҳои бадтарини ахлоқӣ аз ҷониби шоирони тоҷик мавриди мазамат қарор гирифтаанд. Чунончи Камоли Хуҷандӣ овардааст:

***Зоҳид, ки шавад гарра
ба зӯҳде, ки надорад,
Он зӯҳди фиребандаи ӯ
нақши сароб аст.***

Сарфи назар аз он ки ҷараёни суфия яке аз ҷараёнҳои фалсафӣ-динии Шарқи исломӣ маҳсуб меёфт ва дар доираи мактабҳои мухталифи он шахсони ботақво, худопараст ва аз лаззату молҳои дунёӣ дур ҷамъ шуда буданд, лекин барои ба даст овардани ҳурмату эҳтироми мардум муллоҳои дунёпарасту одамфиреб низ ба ин ҷараён шомил мешуданд. Онҳо бо истифода аз шиорҳои гуногун ба хотири ба ғафлат андохтани мардумон ва ба ҳамин восита истисмор кардани онҳо рӯй меоварданд. Ҷомӣ дар хусуси ин гуна суфиёни мардумхор гуфтааст:

***Ҳазар аз суфиёни шаҳру диёр,
Ҳама номардаанду мардумхор.
Корашон ғайри хобу хӯрдан не,
Ҳеҷашон фикри рӯзи мурдан не.***

Имрӯз агар ба ҷомеаи худ назар афканем дар тамоми кӯчаву паскӯча, маҳалу қишлоқ, ноҳияву шаҳр ба андозае шайхони "покдоману" мавлавиҳои бо ном қуръонхон, махдумону зоҳидони "охиратпараст" зиёд шудаанд, ки микдорашон ба даҳо ва ҳазорҳо расидаанд. Ҳар кадоми онҳо бо шогирдону муридони худ дар талоши он ҳастанд, ки ҷанозаи маитони "соҳибдорро" хонанд, фарзандони одамони соҳибмансаб ва пулдорро никоҳ кунанд, дар тӯю маъракаҳои ба истилоҳ одамони "тавонгару бонуфуз" иштирок карда, соҳиби мол ва ё чизе шаванд. Агар марди камбизоату нодоре даҳ маротиба ба хонаашон оянд бо баҳонаи касал будан ва ё "ба хонаи калонтаре" даъват шудан, илтимоси онҳоро рад мекунанд. Ҷомӣ аз дасти чунин шайхон ба дод омада, мегӯяд:

***Фиғон зи аблаҳии ин харони
бедуму гӯш,
Ки ҷумла шайхтарош омадаанду
шайхфурӯш.***

Мулло Ҷалол ном шахсе Абдураҳмони Ҷомиро дар ҳама маъракаву маҳфилҳо кофир эълон карда, аз ҳаёт ва зиндагии вай мисолҳо меовард: "Ҷомӣ мусиқӣ мешунавад ва ҳазлу шухӣ мекунад". Чун ин хабар ба Ҷомӣ расид вай қитъаи зеринро навишт:

***Агар Мулло Ҷалолам хонд кофир,
Чароғи кизбро набвад фурӯғе.
Мусулмон гӯямаш, к-андар мукофот,
Дурӯғеро, сазо бошад дурӯғе.***

Дар даврони зиндагии Бадриддин Ҳилолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар адибони бузург байни аҳли шиъа ва суннимазҳабон бадном кардан ва бадгӯӣ ба ҷое расида буд, ки онҳо оқибат даст ба зуроварӣ зада, хуни якдигарро мерехтанд. Ҷомӣ аз чунин мусулмонӣ пушаймон гашта, мегӯяд:

***Эй мугбачаи даҳр бидеҳ,
ҷоми маиам,
К-омад зи низои
суннию шиъа қайам.
Гӯянд, ки: Ҷомиё
чӣ мазҳаб дорӣ?
Сад шукр, ки сагсуннию
харшиъа наям.***

Ё ин ки дар моҳи шарифи рамазон бисёр муллоҳои риёкор, ба хотири паст кардани оташи нафси худ мояи озори мардумон мешуданд. Ҷомӣ бо як нафрати бепоён ба онҳо мегӯяд:

***Ҳӯи худро зи рӯзи тир
бикун,
К-аз ҳама ҳилму
бурдборӣ беҳ.
Чун шавад рӯза мояи озор,
Рӯзахорӣ зи рӯзадорӣ беҳ.***

Абдураҳмони Ҷомӣ дар ашъори худ чунин шайхону муллоҳои зинокорро ба "хар" ташбеҳ додааст:

***Сар пур аз кибру дил пур аз эъҷоб,
Рӯй дар халқу пушт бар меҳроб.
Саф зада гирдаш аз харон галае,
Дарфиканда ба шаҳр валвалае,
Чист ин? - Шайх зикр мегӯяд.
Дафъи ғафлат ба шир мешӯяд.***

Ҳамин шайхони худбин ва муллоҳои фасодзадаи низоъситез буданд ва ҳастанд, ки ҷомеаро ба ғафлату бадбинӣ, бехабариву нодонӣ ва чоплусиву косалесӣ бурда, худро сарнишини маъракаву ҷамоъатҳо мекунанд. Аз масҷиду меҳробҳо мардумро ба фармонбардориву тавба, ҳалолкориву ахлоқ даъват менамоянд, вале худ дар хилват ба корҳое даст мезананд, ки иблис аз шарри он ангушти ҳайрат мегазад. Ба ибораи дигар дар шаҳре, ки чунин шайхону муллоҳо бошанд, аз он шаҳр Иблис рахти сафар мебандад. Хоҷа Ҳофиз низ ба дурӯягиву риёкории ин "шайхони покдоман" эътироз мекард:

***Воизон к-ин ҷилва дар меҳробу
минбар мекунанд,
Чун ба хилват мераванд, он кори
дигар мекунанд.
Мушкиле дорам зи донишманди
маҷлис боз пурс:
Тавбафармоён чаро худ тавба
камтар мекунанд?***

Имрӯз низ мутаассифона ин шуъбадабозони рӯҳонӣ бо истифода аз дини мубини Ислом мехоҳанд бо роҳҳои фиребу найранг дар ҷомеа мақому ҷои хосро пайдо карда, мардумро ба зулмати нодонӣ, риёкориву фасодзадагӣ ва дур аз фазилатҳои исломӣ тарбия намоянд. Зеро истифода аз мардуми нодон ва хурофотзада барои онҳо кори хеле осон ва фоидаовару хуб аст. Барои ин қабил рӯҳониёни козиб ҳар чи қадар ҷомеа ба гирдоби нодонӣ ва ҷаҳолат афтад, ҳамон қадар истифода аз аҳли ҷомеаи ғафлатзада ба хотири амалӣ сохтани ҳадафҳои шуми худ, осонтар хоҳад буд.

**КОВА**

# БИЁЕД, ХАРОБ МЕШАВЕМ

## ИСТЕЪМОЛИ САБӮС ШАРТИ АСОСИСТ

***Фарбеҳӣ низ беморӣ аст. Дар бисёр кишварҳо бар зидди ин беморӣ барномаҳои махсус қабул шудаанд. Тибқи он ба шахсони фарбеҳ тавсия дода мешавад, ки аз хӯрдани ғизоҳои серкалория худдорӣ кунанд. Ба хусус занҳо намехоҳанд, ки тароватӯ зебоии ҳуснашон зери бори фарбеҳӣ ниҳон монад.***

**Т**ИБҚИ мушоҳидаҳо иддае аз ҳамватанони мо низ аз фарбеҳӣ ранҷ мекашанд ва мекӯшанд, ки аз вазни зиёдатӣ раҳо ёбанд. Бо ин мақсад ба варзиш машғул мешаванд ва парҳезро шарти асосӣ меҳисобанд.

Пизишкон роҳҳои гуногуни харобшавиро тавсия медиҳанд. Яке аз чунин роҳҳо истеъмоли сабӯс (пӯсти гандум) будааст.

Дар бораи хусусиятҳои табобатии сабӯс ба наздикӣ хабардор шудем. Зеро дар таркиби он моддаҳое ҳастанд, ки барои организми инсон зарур аст.

Сабӯс пасмондаи орд буда, онро асосан ҳамчун хӯроки чорво истифода мебаранд. Олимон исбот кардаанд, ки сабӯс барои саломатии инсон манфиатовар аст. Суоле ба миён меояд, ки сабӯс ба организми инсон чӣ фоида дорад?

Пеш аз ҳама бояд донист, ки дар таркиби сабӯс витаминҳои А,Е, В, ҳамчунин микроэлементҳои мис, руҳ, калий , фосфор ва глутен (gluten) мавҷуд аст. Глутен қисмати азотдори гандум аст, ки дар ҳақиқат, ҷузъи "масолеҳи сохтмонӣ"-и бадан ба шумор меравад. Сабӯс 90 дарсади моддаҳои фаъолро, ки дар таркиби гандум мавҷуданд, дар худ нигоҳ медорад.

Сабӯс ҳамчун моддаи ҷаббанда дар организми инсон барои ихроҷи моддаҳои захрдор хизмат мекунад. Танҳо барои ин мақсад 1 ё 2 кило сабӯс кифоя аст. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, вақте ки вазн зиёд мешавад, ифлосӣ дар бадан меафзояд. Акнун усули хуб ва бехатари тоза кардани илфосӣ ҳаст.

Хӯрдани сабӯс барои беморони қанд бояд ҳолати маъмулӣ бошад. Исбот шудааст, ки сабӯс барои пешгирии ҷамъшавии холестерин дар бадан мусоидат ва шираи зиёдатиро аз организм берун мекунад. Ғайр аз ин, истеъмоли сабӯс барои тоза кардани ҷигар ва талхадон, мустаҳкамии дандонҳо ва устухонҳо басо муфид буда, кори дилу гурдаро беҳтар мекунад.

Пизишкон бар ин боваранд, ки дар миёни нонҳо, нони сабӯсдор дорои арзиши ғизоии бештаре аст.

Ба андешаи онҳо беш аз 50 дарсади нони бесабӯс дар бадан ҳазм намешавад, вале нони сабӯсдор, ҷазби бадан шуда ба фақат 5 дарсади он дар бадан ҳазм намешавад.

Аммо ҷолибтарин хусусияти сабӯс барои инсонҳои фарбеҳ пеш аз ҳама ин аст, ки истеъмоли он вазнро кам ва баданро аз равғанҳои зиёдатӣ тоза мекунад. Бо ин мақсад пизишкон тавсия медиҳанд:

**Дар ду ҳафтаи аввал беҳтараш 1 қошуқчагӣ се маротиба дар як рӯз сабӯсро хӯред. Сипас миқдори онро зиёд кунед (як қошуқи калон 3 маротиба дар як рӯз). Вақте эҳсос кардед, ки кори рӯдаи шумо муътадил шуд, мумкин аст истеъмоли онро батадриҷ кам кард (то 2 қошуқ дар як рӯз). Муҳлати як давраи табобатӣ 6 ҳафтаро дар бар мегирад. Истифодаи аз меъёри зиёди сабӯс тавсия дода намешавад. Дар ин маврид ҳуҷайраҳои фаровони бадан метавонанд ба мувозинати калтсий ва дигар моддаҳои минералӣ дар организм халал расонанд.**

**Боз як маслиҳати дигар: Агар шумо шабона аз гуруснагӣ азоб мекашед ва аз рӯйи тавсияи парҳезӣ истеъмоли ягон намуди таоми калориянок манъ аст, беҳтараш аз чунин ғизои витаминдори ба саломатӣ фоидабахш истифода баред: ба стакани йогурт ва ё кефир 1-2 қошуқ сабӯсро якҷоя карда хӯред.**

**Ба кӯдакон низ хӯрдани сабӯс тавсия дода мешавад. Агар кӯдаки шумо 10 моҳа шудааст, пас метавонед ба таркиби ғизои он каме сабӯс илова кунед. Масалан, барои тайёр кардани чунин ғизо як қошуқча сабӯсро ба оби гарм андохта, даҳони зарфро маҳкам кунед ва 12-15 дақиқа онро ҷӯшонед. Сипас обро соф карда, ба зарфи дигар резед. Ҳамин тавр, аз оби сабӯс мумкин аст барои кӯдак шӯрбо, шӯла ё пюре тайёр кард.**

Дар бораи манфиати сабӯс метавон бисёр ҳарф зад ва аз зиндагии шахсони гуногун мисолҳо овард. Аммо далелҳо бозгӯи он ҳастанд, ки сабӯс фоидаовар, моддаи зарурӣ ва безарар аст. Ҳамин хусусиятҳо шуморо дилпур месозад, ки сабӯс ба харобшавӣ ва солимии организм мусоидат мекунад..

Сабӯсро барои лоғаршавӣ чӣ гуна истифода бурдан лозим аст?

Инак, шумо дар даст сабӯс доред. Як қоидаи истифодаи он чунин аст: 30 грамм ё се қошуқ сабӯсро дар як рӯз меҳӯред. Гумон мекунед, ки он барои кам шудани вазни зиёдатии шумо зуд таъсир мерасонад? Албатта не. Истифодаи сабӯс пагоҳӣ ва нисфирӯзӣ беҳтар аст. Онро метавон бо йогурт, кефир ва шир ҳамроҳ кард. Шумо бояд парҳезро риоя кунед.

Саломат ном сокини пойтахт мегӯяд: *"Ду моҳ қабл дугонаам маслиҳат дод, ки субҳона бутерброд, тухм ва йогуртро бо сабӯс истеъмол кунам. Дар аввал нафаҳмидам, аммо баъд донистам, ки дугонаам дар бораи хосиятҳои сабӯс сухан мегӯяд. Ба гуфтаи ӯ амал кардам. Ҳамин тавр баъди як ҳафта дар вуҷудам беҳбудӣ эҳсос мешуд. Бо чашми худ боварӣ намекардам. Акнун фоидаи сабӯсро барьало ҳис кардаам".*

Ҳамсуҳбати дигари мо Нозим Раҳмонов гуфт, ки: *"Рӯзҳои аввал таъбам намекашид, сабӯсро бо мушкилӣ фурӯ мебурдам, баъд одат кардам. Вазни зиёдатии баданро партофтам. Албатта дар як-ду рӯз не, ҳатто дар як моҳ ҳам не, оҳиста-оҳиста беҳбудиро ҳис намудам. Барои ин сабр кардан зарур аст ва мунтазири натиҷаи амал шуд".*

Биёед, мо низ ба ин амал даст мезанем, канӣ бубинем, чӣ натиҷа медиҳад.

**Алӣ ҶӮРА**



## Акси садо

**Мо устодон ва донишҷӯёни факултети дорусозии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон (ДДТТ) ба номи Абӯалӣ ибни Сино мусоҳибаи журналист Алӣ Ҷӯра бо муовини Сардори Раёсати кор бо мақомоти идоракунии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон Ф. Сайфуллозодаро дар мавзӯи "Оғози ҳар кори бузург мушкилие дар пай дорад", ки дар ҳафтаномаи "Минбари халқ", №47 (1026) аз 18 ноябри соли 2015 рӯи чоп омада буд, мутолиа кардем.**

# ЛОИҲА ШОИСТАИ ДАСТГИРӢ АСТ

Мо, дар навбати аввал минатдориамонро ба роҳбарият ва ҳайати эҷодии ҳафтаномаи "Минбари халқ" баён менамоем, ки ба масъалаҳои рушди иқтисодии ҷумҳурӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва доруворӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ки имрӯз Тоҷикистони азизи мо ҳарчӣ тезтар ба ҳалли онҳо ниёз дорад, матолиби гуногунро ба нашр мерасонанд.

Аз соли 1981 то инҷониб дар ДДТТ факултети дорусозӣ амал менамояд. Барномаҳои таълимии ин факултет ба он равона шудааст, ки ба донишҷӯён илм ва маҳорати дорусозиро омӯзонда ва дар оянда онҳоро ҳамчун мутахассисони бо маҳорат, барои бозори меҳнат омода сохтан аст.

Барои иҷрои ин амал донишҷӯён ба чунин раванди таълим фаро гирифта мешаванд: Кафедраи фармакогнозия-омӯзиши растаниҳои доругӣ, шинохтан, интихоб ва коркарди аввалияи ашёро ба роҳ мемонад. Кафедраи технологияи дорусозӣ - ба роҳ мондани технологияи истихроҷи моддаҳои фаъол аз ашёҳои табиӣ, коркарди ашколи доругӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли онҳо дар шароити дорухона ва саноати дорусозӣ мебошад. Кафедраи кимиёи фармасевтӣ ва токсикологӣ- омӯзиши таҳлили сифат, миқдор, безарар ва муайянкунии сохти таркибии структураи моддаҳои ашколи доругиро дар бар мегирад. Вазифаи кафедраи ташкил ва иқтисоди фармасевтӣ- ба донишҷӯ роҳҳо ва усулҳои таъмин намудани аҳолӣ ва муассисаҳои тиббӣ ба доруҳои аз ҷиҳати сифат безарар ва судмандро таъмин кардан аст. Донишҷӯёни ин факултет барои таҷрибаомӯзӣ ба хоҷагиҳои гиёҳпарварӣ ва корхонаҳои саноати бузурги дорусозӣ берун аз хориҷи Тоҷикистон (Россия, Қазоқистон, Украина, Эрон ва ғ.) фиристода мешаванд, ки ин албатта харҷи зиёдро талаб мекунад.

Ҳарчанд дар мусоҳиба парвариш ва коркарди лаблабӯи қанд аз нигоҳи таъмини амнияти озуқаворӣ мавриди баҳс қарор дода шуда бошад ҳам, барои мо, мутахассисони соҳаи дорусозӣ аз нигоҳи коркарди ашё ва технологияи парвариши лаблабу ҷолиби диққат аст, чунки дар мавриди худ ин растанӣ манбаи доруворӣ ҳам мебошад. Аз он спирти этил, глитсерин, асетон, пектин, кислотаи лиму, кислотаи шир (молочная кислота), кислотаи глютамин, дрож (хамиртуруш) истеҳсол мешавад, ки онҳо ҳамчун ҷузъи таркибии дору ва ё доруи мустақил шуда метавонанд.

Инчунин, дар мусоҳиба сухан оид ба зиёд намудани қанднокии лаблабу ишора шудааст, ки ин масъала ҳалшаванда аст. Дар дунё садҳо намуд тухмии гибриди лаблабуи қанд вуҷуд дорад ва бо заҳмати кам навъи барои шароити Тоҷикистон мутобиқро дарёфт кардан мумкин аст. Аз тарафи дигар, чи хеле ки дар мусоҳиба зикр шудааст, лаблабуи қанд ин маҳсули кори селексинерҳо аст ва бо боварӣ гуфта метавонем, ки мутахассисони ҷумҳурии мо аз уҳдаи коркарди навъҳои лаблабуи қанди ватанӣ бараъло мебароянд.

Чи хеле ки дар мусоҳиба қайд гардидааст, технологияи коркарди лаблабуи қанд душвор нест ва мутахассисонро аз ҳисоби хатмкардагони факултети дорусозӣ, мақсаднок ба ин самти фаъолият, тайёр кардан мумкин аст ва дар дониши 5-солае, ки аз донишгоҳ мегиранд, ҳамчун мутахассис, аз уҳдаи ин кор мебароянд.

Ба роҳ мондани ин лоиҳа на танҳо заминаи хуб барои рушди маҳсулоти хӯроквори, балки барои равнақ додани саноати дорусозӣ аз ҳисоби ашёҳои ватанӣ метавонад заминаи боэътимод бошад.

**Бо эҳтиром гурӯҳи мутахассисони факултети дорусозии ДДТТ,**
**Д. ХАЛИФАЕВ**, *профессор*
**У. РАҶАБОВ**, *дотсент*
**Г. РАҶАБОВ**, *дотсент*
**А. ВАЛИЕВ**, *номзади илмҳои дорусозӣ*
**Ё. ХОЛОВ**, *номзади илмҳои биологӣ*



Оғози ҳар кори бузург мушкилие дар пай дорад

ЧӢ ГУНА ТАЛАБОТИ ҶУМҲУРИРО БО ШАКАР, ШИР ВА ГӮШТ ТАЪМИН БОЯД КАРД?

# Роҳ - пайвандгари дилҳо

**Роҳҳои автомобилгард аз омилҳои асосии таъмини тараққиёти иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар асту тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти таъмиру таҷдиди роҳҳои мавҷуда ва ифтитоҳи роҳҳои наве, ки кишварро бо мамолики ҳамсоя пайваст менамоянд, корҳои бузург ба анҷом расонида шуданд. Ҷиҳати раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ лоиҳаҳои зиёди инфрасохториву ислоҳотӣ амалӣ гардида, Барномаи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи рӯзафзуни Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон имкон дод, ки дар муддати кӯтоҳи таърихӣ мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёбад.**



**ТИБҚИ** маълумоти расмӣ ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ҳанӯз соли 2011 "Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Тоҷикистон то соли 2025" қабул гардид ва дар доираи он бунёду таҷдиди беш аз чор ҳазор километр роҳ ва 576 пул ба маблағи умумии 4,4 миллиард сомонӣ пешбинӣ карда шуд. Ҳамин аст, ки давоми панҷ соли охир бо бунёду таҷдиди роҳҳои мошингард Тоҷикистон ба қаламрави воҳид табдил гардид, ки ин аз бузургтарин дастоварди Ҳукумати мамлакат арзёбӣ мешавад. Бо ин мақсад панҷ соли охир барои бунёди роҳу пул ва нақбҳо 5 миллиард сомонӣ, аз ҷумла соли 2014 зиёда аз як миллиард сомонӣ маблағ равона гардида, барои имсолу ду соли минбаъда беш аз 3 миллиард сомонӣ нақшабандидӣ карда шудааст.

Дар баробари ба анҷом расонида шудани сохтмон ва таъмиру таҷдиди қитъаҳои мушкилгузари роҳҳои кӯҳистон, сохта шудани нақбҳои "Истиқлол", "Дӯстӣ" ва "Озодӣ" "Чормағзак" ва "Хатлон" таҷдиди роҳҳо ба самтҳои мухталифи кишвар ва баромадан ба роҳҳои байналмилалӣ идома дорад. Ҳамин таваҷҷуҳ боис гардид, ки дар даврони истиқлолияти давлатӣ ҳазорҳо километр роҳҳои мошингард сохтаву таҷдид гардида, даҳҳо километр нақбҳои мошингузар ва садҳо пул бунёд шуданд.

Имрӯз мушкилоти рафтуомади сокинону меҳмонони кишвар ва ҳамлу нақли молу маҳсулот аз як минтақа ба минтақаи дигари мамлакат бамаротиб осон гардонида шуд.

Имрӯз Тоҷикистони тавассути роҳҳои мошингарди байналмилалӣ, ки дар замони истиқлолият таҷдиду азнавсозӣ гардидаанд, аз чор самт ба кишварҳои олам роҳи баромад дорад.

Дар соли ҷорӣ баробари таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ ва мумфарш карда шудани кӯчаҳову маҳалҳои аксарияти шаҳру марказҳои навоҳии мамлакат мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани роҳи мошингарди аҳамияти байналмилалидоштаи Душанбе-Турсунзода ва Айнӣ- Панҷакент қадами устувор дар самти раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ гузошта шуд.

Бунёду азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе-Турсунзода барои таъмини мунтазами ҳаракати нақлиёт, пеш аз ҳама дар интиқоли бештари молу маҳсулот аз маркази кишвар ба навоҳии водии Ҳисор заминаи воқеиро фароҳам оварда, айни ҳол корҳои ободонию созандагӣ дар ду шафати ин шоҳроҳ ҷараёни тоза касб карда, тибқи баҳои мутахассисон сифат ва самараи кори роҳсозон мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалист. Ёдовар мешавем, ки дарозии шоҳроҳи мазкур 57 километрро ташкил дода, таҷдиди он бо маблағи беш аз 800 миллион сомонӣ, ки баробар ба 131 миллион доллари амрикоӣ мебошад, анҷом дода шудааст.

Дастоварди дигари сиёсати роҳкушоии мамлакат, ки аз он сокинони минтақаҳои нисбатан дуртари маркази кишвар бо хушнудии беандоза истиқбол карданд, ин таҷдиду азнавсозии роҳи мошингарди Айнӣ-Панҷакент мебошад. Ба касе пӯшида нест, ки роҳи номбурда аз дараҳои тангу хавфноки соҳили Зарафшон гузашта тахту ҳамвор ва васеъ кардани он заҳмати беандоза ва маблағи ҳангуфтро тақозо менамуд. Дарозии умумии роҳи мошингарди Айнӣ - Панҷакент наздики 113 километрро ташкил дода, аз нисф зиёди он дар мавзеъҳои кӯҳӣ ҷойгир аст . Ба ҳама мушкилӣ нигоҳ накарда Ҳукумати ҷумҳурӣ тасмим гирифт, ки нақшаи таҷдиди ин роҳ дар муҳлати муқараргардида оғоз карда шавад. Корҳои сохтмонӣ моҳи октябри соли 2012 оғоз гардида,туфайли меҳнати садоқатмандонаи сохтмончиён моҳи октябри соли 2015 ба охир расид. Навсозии роҳ бо маблағи 115 миллион доллари амрикоӣ аз ҳисоби ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ иҷро карда шуда, меваи ин заҳмати се сола имрӯз самар медиҳад.

Агар то азнавсозӣ барои рафтуомад аз Айнӣ то Панҷакент сеюним - чор соат вақт лозим бошад, акнун дар масири тахту ҳамвор ва аз ҳама асосӣ бехавф дар муддати ҳамагӣ якуним соат ба манзил расидан мумкин аст.

Имрӯз рафтуомад ба кулли минтақаҳои кишвар дар ҳама фасли сол имконпазир асту таъмини бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва сарфаи вақту масофа, албатта, ба осон гардидани рафтуомади одамон ва арзон шудани арзиши аслии молу маҳсулот ва хизматрасониҳо мусоидат хоҳад кард.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**



# ШУКР

**Шукр дар ҷомеаи инсонӣ мақому манзалати бузург ва дараҷаи баланде дорад, ки ҳар кас ба ҳақиқати он расида наметавонад. Ҳамин аст, ки бузургон ҳамеша таъкид мекунанд, ки "барои одам дили шокиру тани собир беҳтарин неъматҳо мебошанд".**



Дар робита ба ин шоире фармудааст:

*Шукр сӯи шаҳри*
*саодат барад,*
*Ҳар ки кунад шукр*
*зиёдат барад.*

Шукр низ дорои дониш (илм) буда, дар он иллату маълул ва сабабу натиҷа дида намешавад.

Ҳар як инсон агар неъмате ба даст орад, ба вай шод мешавад ва шукр мекунад, вале асли шукр дар он зоҳир мегардад, ки одам на неъматро, балки инъомдиҳандаву неъматдиҳандаро бинад.

Дар асоси табақабандии ҳакимони пешин шукр се навъ мешавад: шукр ба дил, шукр ба забон ва шукр ба тан.

**1. ШУКР БА ДИЛ он аст, ки инсони шокир ба ҳама халқ хайрхоҳ буда, дар молу ҷоҳ ва неъмату ашё ба ҳеҷ кас ҳасад намебарад.**

**2. ШУКР БА ЗАБОН он аст, ки инсон дар ҳама ҳолат ба инъомдиҳанда ва неъматдиҳанда шукр гӯяд.**

**3. ШУКР ДАР ТАН он бошад, ки инсон бояд дарк намояд, ки ҳама аъзои бадани вай неъмати бебаҳо мебошанд. Сиҳатии онҳо-бузургтарин восита барои амали одам аст. Вай бояд ҳамеша аз аъзои бадани хеш шукргузор бошад, зеро дар ҳама кору фаъолияти вай аъзои бадан мададгори ӯ мебошанд.**

Аҷиб он аст, ки одамӣ то он замоне, ки дарди чашм ва ё нобино нашавад ҳеҷ вақт шукри биноӣ намекунад. Тадбири инсони ношукр ва ноқис ин аст, ки вай ҳатман бояд ба бемористону зиндон ва гӯристон равад, то балоҳои гуногунро дида, саломатии хешро шиносад ва аз он шукр кунад. Дар байни мардуми тоҷик яке аз сабабҳои хабар гирифтан аз аҳволи маризон ҳамин аст, ки инсон ҳамеша ба саломатии худ шукр кунад. Ё ин ки чун ба гӯристон равад, бидонад, ки ҳама мурдагон замоне зинда буданд ва имрӯз зери хоканд ва ҳама мурдагон дар орзуи як рӯзи умранд. То ин ки инсон бо дидани ин ба қадри умр расад, зеро рӯзҳои дароз, ки дар ихтиёри вай қарор доранд, бояд самаранок аз онҳо истифода кунанд ва ба қадри вақт расад.

Ҳастанд одамоне, ки фикр мекунанд, ки ба андозаи ақлу маърифат ва дониши онҳо ҳеҷ оқили дигаре вуҷуд надорад. Ё ин ки ҳеҷ касе дар ҷомеа ба мисли вай хушхулқ нест. Аз ин рӯ вай дигаронро аблаҳ ва бадхӯй медонад, лекин худро на. Вай айбҳои худро хеле хуб медонад ва чунин фикр мекунад, ки ҳеҷ кас айбҳои ӯро намедонад, ки ин худ аблаҳист.

**Одамӣ бояд шукри ҳар чизе дорад кунаду ба онҳо ба чашми нек бингарад. Вай аз ҳеҷ чизе гила накунад, зеро он чизеро, ки ба ӯ додаанд, бештари халқро надодаанд. Барои ҳама чиз бояд ҷои шукр бошад: *"Яке дар назди бузурге аз дарвешӣ ва камбағалӣ гила мекард. Бузург ба ӯ гуфт: "Хоҳӣ, ки чашм надорӣ ва даҳ ҳазор дирам дорӣ?" Гуфт: "На". Гуфт: "Ақл?". Гуфт: "На". Гуфт: "Гӯшу дасту пой?". Гуфт: "На". Гуфт: "Пас вайро наздики ту панҷоҳ ҳазор дирам кам аст, чаро гила мекунӣ?"***

Дар ҳолати беморӣ ва балое, ки на аз он батар тавонад будан, шукр бояд кард, ки бадтар аз он нашавад. Чун табиб ба мариз доруе диҳад, агарчи хӯрданаш бо ранҷ аст, ҷои шукр мебошад, зеро бо ин ранҷ аз ранҷи бемории сахт раҳоӣ хоҳад ёфт.

Инсони фозил бояд ба ҳар неъмате чун ҳавову офтоб ҳар нафас шукр кунад ва аз балоҳои гирифторшуда сабр.

**А.АРДАШЕР**

Футбол

# БЕҲТАРИНҲОИ ФУТБОЛИ ОСИЁ ДАР СОЛИ 2015

**Рӯзи 29 ноябр дар пойтахти Ҳиндустон шаҳри Деҳлӣ маросими тақдими ҷоизаҳои Конфедератсияи футболи Осиё ба беҳтаринҳои соли 2015 баргузор шуд.**

Дар маросими ботантанаи "AFC Annual Awards" беҳтаринҳои мавсими футболи соли 2015 бо ҷоизаҳои Конфедератсияи футболи Осиё сарфароз гардонида шуданд. Аз он ҷумла, Аҳмад Халил, бозигари мунтахаби Имороти Муттаҳидаи Араб, соҳиби ҷоизаи "Беҳтарин бозигари Осиё" байни мардон гардид. Мунтахаби Австралия, рақиби Тоҷикистон дар марҳилаи интихобии ҶҶ-2018, ки моҳи январ барандаи Ҷоми Осиё-2015 гардидааст, беҳтарин мунтахаби сол байни мунтахабҳои мардона эълон шуд. Дар байни мунтахабҳои милии занона мунтахаби Япония ғолиб омад. Ба Анж Постекоглу (Австралия) ҷоизаи беҳтарин мураббии дастаи мардона ва ба Асако Такакура (Ҷопон) ҷоизаи беҳтарин мураббии тими занона супурда шуд.

Дар рӯйхати довталабон барои дарёфти ҷоизаҳои AFC (Конфедератсияи футболи Осиё), инчунин Федератсияи футболи Тоҷикистон (ФФТ) ба номинатсияи "Созмони футболи миллии дар ҳоли рушди сол" (AFC Member Association of the Year - Developing category) шомил буд. Ба ҷуз ФФТ барои ин ҷоиза ҳамчунин федератсияҳои футболи Ҳонконг ва Ветнам довталаб буданд. Дар натиҷа ин ҷоиза насиби Ассотсиатсияи футболи Ҳонконг гардид.

# "ИСТИҚЛОЛ" СОҲИБИ "ҶОМИ ТОҶИКИСТОН-2015"

**Дастаи футболи "Истиқлол"-и Душанбе бори панҷум соҳиби «Ҷоми Тоҷикистон» гардид. Бозии ниҳоӣ барои дарёфти "Ҷоми Тоҷикистон-2015" байни дастаҳои "Истиқлол" ва "Регар-ТадАЗ"-и шаҳри Турсунзода, ки рӯзи 28 ноябр дар Варзишгоҳи марказии пойтахти кишвар баргузор шуд, бо пирӯзии футболбозони Душанбе хотима ёфт.**

Вақти асосии бозӣ ғолибро муайян накард. Дар вақти иловагӣ низ ҳисоб 2:2 шуд. Аммо дар задани силсилаи зарбаҳои 11 метра "Истиқлол" бо натиҷаи 6:5 ғолиб омад. Ҳамин тавр аъзои клуби "Истиқлол" бо медалҳои тилло ва дастаи "Регар-ТадАЗ" бо медалҳои нуқра сарфароз шуданд.

Инчунин бозигари беҳтарини ин вохӯрӣ Нуриддин Давронов, нимҳимоятгари "Истиқлол", бо ҷоизаи Федератсияи футболи Тоҷикистон сарфароз гашт. Ёдовар мешавем, дастаҳои "Истиқлол" ва "Регар-ТадАЗ" маротибаи панҷум паиҳам дар бозии ниҳоии "Ҷоми Тоҷикистон" ширкат карданд. Дар бозиҳои ниҳоӣ байни ин ду даста ду бор "Регар-ТадАЗ" (солҳои 2011, 2012) ва се бор "Истиқлол" (солҳои 2013, 2014, 2015) ғолиб шудаанд.

Мусобиқа барои "Ҷоми Тоҷикистон" аз соли 1992 инҷониб баргузор мешавад ва ҳамагӣ 10 даста барандагони Ҷом гардидаанд. Аз ҳама бештар 6 бор дастаи "Регар-ТадАЗ" Ҷоми Тоҷикистонро ба даст овардааст. "Истиқлол" панҷ бор ва "Хуҷанд"-и Хуҷанд се бор барандагони Ҷом шудаанд.

Дастаҳои "Вахш"-и Қӯрғонтеппа, "Варзоб"-и Душанбе ва "Парвоз" (собиқ "Авиатор")-и Бобоҷон Ғафуров дуборӣ, тимҳои "Помир"-и Душанбе, "Ситора"-и Душанбе, "Равшан"-и Кӯлоб ва "Пахтакор"-и ноҳияи Ҷаббор Расулов якборӣ "Ҷоми Тоҷикистон"-ро соҳиб гаштаанд.

**А.ҶӮРА**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Аттестати №164004, ки соли 1991 мактаби миёнаи №46 ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) ба Амонова Шифо Шодибоевна додааст, эътибор надорад.

**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва аҳли қалами "Минбари халқ" ба хабарнигори ҳафтанома Ҳуриннисо Ализода нисбати даргузашти**

**БАРОДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ намуда, ба аҳли хонаводаи марҳум ва пайвандонаш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.**

Обуна-2016

**u Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**
**u Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**
**u Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**
**u Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**
**u Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

**ба ҳафтаномаи**

МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!

*Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил дода, метавонед онро ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...*

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ

**обуна шавед!**

*СУРАТҲИСОБИ МО:*

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

*СУРОҒАИ МО:*
ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.

*ТЕЛЕФОН:*
**224-49-29, 224-83-72**

**Доир ба масъалаҳои реклама, PR-мақола ва эълон дар ҳафтанома ба рақами 93-505-00-46 занг занед. Масъули бахш Набӣ Юсупов**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*

Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*

**www.tribun.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**

**Навбатдор: И.ТОҲИР**

